АБДУРАҲМОН САИДОВ

# СЕҲРИ ХОМА

ДУШАНБЕ
2006

ББК 84,5 тоҷик 7-5
С-63

*Абдураҳмон Саидов*. **Сеҳри хома**. — Душанбе: 2006.
80 саҳ.

**© Абдураҳмон Саидов, 2006.**

# АЗ МУАЛЛИФ

Чанд сол боз «Сеҳри хома» бо таҳрири кормандони маҷаллаи ноҳиявии «Субҳи Меҳнат» ба нашр омада буд, вале аз набудани маблағ ва сарпараст аз нашри он ноумед будам. Хушбахтона, баъди намоиши хабарнигорон Гулрухсор Нозимова ва Худоёр Эргашов ба толеи мани ранҷкашидаи куҳи номуродӣ боди мурод вазида сарпарасте пайдо шуд. Хушнуд шудам аз он ки акнун орзуи ман ҷомаи амал мепӯшад ва маҷмуаи шогирдонаи ман дастраси хонандагон мегардад. Ба нушандаи шаҳди сухан, дӯстдори адабиёти бадеӣ, марди саодатманду саховатманд Зафар Баротов ва аҳли оилаашон барои ёрии беғаразона ва хароҷот дар нашри «Сеҳри хома» изҳори миннатдории бепоён намуда, ба он кас сарватмандии ҳотамона орзу намуда аз забони шоир гуфтаниам:

*Бахилро ризқ каму гӯр танг аст,*
*Сахӣ дар ҳарду олам сарбаланд аст.*
*Некӣ куну дар Даҷла андоз*
*Ки эзид дар биёбонат диҳад боз.*

Аз ҳамаи онҳое, ки дар ин кор саъю кӯшиш кардаанд миннатдорам ва изҳори ташаккур мекунам.

# 1. ҲИКОЁТ

## ТӮПИИ ГУЛДӮЗӢ

— Мурдаме, бачам, як кори савоб кунед! Ман барои ту як тӯпии гулдӯзӣ ҳадя мекунам.

— Не, холаи Назокат, тӯппиҳои ту ба андозаи сари раҳматии Қурбоналибой, сари ман майда.

— Эҳ, содда будаӣ, андозааш дар дасти худам, розӣ шавӣ, чунон медӯзам, ки қоил мешавӣ.

— Хайр майлаш, ман розӣ.

— Хуб гӯш кун, Назирҷон. –Мо ҳар рӯз аз ҷеғи хурӯс, аниқаш аз ҳангоси хари раис, хараш аз сараш монад, то ғуруби офтоб дарав мекунем. Чунон монда мешавем, ки шаб мурда барин хоб меравем. Ҳанӯз субҳ надамида, хар ҳангос мезанаду раис хеста, моро боз ба дарав мебарад. Ин колхозаш як балои ногаҳон шуд, ба сари мо.

— Ҳа, мушкил будааст, -ба сӯҳбат ҳамроҳ шуда гуфт Сайлон. Шумо дунбаи гусфанд мехӯреду мо, хуни ҷигар. Акнун ҳама баробар кор мекунему аз нону намаки колхоз мехӯрем. Даври Шумо гузашт, даврони камбағал шуд. Ҳамин хел, аз субҳ то шом кор кунед, мурда меравед. Ман ғами ҳамаро мехӯрам. Ҳамин маркаби раисро шаб Назирҷон аз лангараш раҳо кунед, гурехта меравад. Мо бошем, то баромадани офтоб хоб мекунем, як бор шикамсерӣ хоб кунем, мондагии чандрӯза мебарояд.

Ҳамин тавр не, Назирҷон, -кинояомез анҷом дод гапашро Сайлон.

— Майлаш, ман иҷро мекунам, гуфт Назирҷон.

— Ҳо беваи айёре, ман мақсади туро нав фаҳмидам, -гуфт узрхоҳона Сайлон.

— Боз ба даст афтида, моро шарманда накунӣ?

— Не, парво накун, холаи Назокат, тӯппиро дӯзон, -гуфт Назирҷон.

— Шаб ҳама ҷо ором, марду зани аз дарав омада, дар ду сӯрфаи гилини лаби сангоб ҷудо-ҷудо мондаю лакот, рамаи гӯсфанд барин хоб. Раис ҳам алоҳида, чор-панҷ қадам аз маркаб дур, аз даву тоз ва ҳай-ҳайи имрӯза бисёр абгор шуда, хоб буд. Танҳо соҳиби орзӯи тӯппии гулдӯзӣ – Назирҷон, ки рӯзона бо ҳиллаю найранг камтар кор мекард, бедор буду андеша дошт: Чӣ кунам, мабодо раис бедор бошад, маро дошта гирад, ҳолам чӣ мешавад, ба хардуздӣ ҳам гунаҳгор карданаш мумкин. Ҳарчи бодо-бод, як озмуда мебинам, ба хулоса омад, пас аз андеша, -Назирҷон.

Вай оҳиста-оҳиста ба назди маркаб рафту пас гашта омад, яқин кард, ки раис хоб аст, боз рафта лангари маркабро кушода сар дод.

Ҳанӯз Назирҷон дар ҷойгаҳаш ором нагирифта буд, ки садои ба сангҳо бархӯрдани мехи калони оҳанини ба сари лангар басташуда, раисро аз хоб бедор кард. Раис аз ҷояш ҷаста, бод барин дар равшании моҳтоб аз дунболи маркаб давида, ӯро аз лангараш дошта, танбеҳгӯён:

— Садқаи тарбия шавӣ, харро чи монду шабчаро чӣ?! Аз бекорӣ маст шудаӣ ё хӯрокаат зиёд шудааст, -гуфта боз оварда басту хоб рафт.

— Назирҷон аз бебарории кораш ғамгин шуда, чашм ба ситорагони осмон дӯхта, гӯё маслиҳат мепурсид, ки

чӣ гуна кори савоб кунад. Субҳ. Ҳанӯз қуллаҳои кӯҳҳо кам-кам намудор шуда, равшанӣ ба торикии зулмат ғолиб омаданашро собит сохта, аз оғози рӯзи нав дарак медод. Ҳамин замон, ҳангоси гӯшхароши маркаб баромад. Ин оддати доимӣ шуда, боиси аз хоб бедоршавӣ буд. Овози маркаб ба гӯш чун даҳшат мерасид ва ба баданҳо чун тири пайкон мехалид, ки ҳамаро ҷонбезор карда буд. Пас, раис ҳамара ба пой хезонда, ба дарав мебурд. Садои бархурии дос ба тани пурбори дастаҳои гандум ба «Мандоғ» ҷӯр мешуд, ғарами гандум торафт калонтар. Раис аз баландие ба ҳама назорат мекарду шумрӯю фиребгаронро зуд-зуд ёфта, дӯғу пӯписа мекард: «Садқаи нони колхоз шавед, ба шумо Ҳукумат озодӣ дод, меҳнати ҳалол мекунеду аз ҳосил ҳисса мегиред. Дар вақти тақсимот ҳиллагарону фиребгарон малол нашаванд. Боигарии мамлакату серии мардум аз меҳнати ҳалолу ҳосили фаровон аст».

Чунин меҳнати пурмашаққати солҳои чилуму-панҷоҳум тақозои замону мустаҳкам кардани ҳокимияти нави Шӯравӣ буд. Ҳама машғули дарав, чашмони Назирҷон гоҳ-гоҳ ба чашмони Назокат – холаи тӯппидӯзаш бармехӯрд, ки бо нигоҳу сарҷунбониаш ба ӯ ноӯҳдабаро гуфтанаш маълум буд. Назирҷон хуб фикр карда, илоҷи корро ёфта бошад ҳам, аз бебарорӣ метарсид. Нисфирӯзӣ, вақте ки раис барои нон ба деҳа мерафт, мардум аз чашм паноҳ шуданашро поида, фурсатро ғанимат дониста, касеро «посбон» монда, дам мегирифтанд. Борҳо раис аз роҳи дигар омада, ин «посбони роҳат»-ро дошта, ҳамчун ҷазо аз хӯроки нисфирӯзӣ маҳрум мекард. Бо вуҷуди ин, ҳилларо давом медоданд. Раис мисли ҳаррӯза вақти баргаштанаш ҳамаро саргарми кор дида, аз «сиёсати» худ розӣ буд. Баъди хӯроки нисфирӯзӣ то ғуруби офтоб дарав

давом карда, боз ба ҷои хоб бармегаштанд. Назирҷон то хоб рафтани раис интизор шуда, баъд монанди шаби гузашта, як ба пеши маркаб рафта санҷиду дуюмбора рафта, хеле «меҳнат» карда, омада хоб рафт.

Офтоб ба қиём омада, паррандаю чарранда кайҳо ба чарою ба парвоз шуда бошад ҳам, ҳама масти хоб. Ягон-ягон кас, ки аз ин паҳлӯ ба он паҳлӯ мегашт, равшании офтобро бинад ҳам, бовар намекард, гӯё хоб дида истода бошад. Баъзе шахсони аз хоб сершуда болои ҷойгаҳ нишаста, чӣ гап шуда бошад, чаро раис то ҳол нахестааст, мабодо касал шуда бошад гуфта, фикр мекарданд. Вақте ки аз гармии офтоб сару рӯи раис арақшор шуд, саросема аз ҷой хеста, қамчинашро гирифта, назди маркаб рафт. Аз ғазаб чӣ гуфтану чӣ кор карданашро надониста, бо қамчин як зарба ба бадани маркаб мезаду мепурсид: Чаро ҳангос назадӣ, ҳе хӯроки гургон шавӣ, садқаи харӣ шавӣ, канӣ гап зан, даҳони туро кӣ баст?!...

Ҳамин тавр, паи ҳам такрор ба такрор чанд бор пурсида, торс-торс қамчин мезад, ки ин боиси бедоршавии мардум гардид.

Одамон аз хоб хеста, байни худ пичир-пичиркунон, даҳонашро кушо гуфта механдиданд. Ниҳоят, Назирҷон ҳам хеста, хавотиромез чашмонашро молида, ба атроф назар кард. Ҳоли раисро диду хандида истода, ба холааш нигоҳ кард. Назокат-хола ҳам зуд аз нигоҳаш пай бурда, «тӯппӣ муборак шавад» гуфта, тӯппии гулдӯзии зери остинашро ба ӯ нишон дод.

# ҶАСОРАТИ МОДАР

Мо ҳар се латтапечи на чандон калонро гирифта аз хона, сонӣ аз деҳа баромадем. Ба баландие, ки аз он ҷо деҳа чун дар кафи даст намудор буд, рӯ ба сӯи деҳа нишастем. Ногоҳ, гӯё дарди ҷонкоҳеро ҳис карда, аз чашмони модарам ашк равон шуд. Ӯ нолаю фарёд намекард, лекин оби дидагонаш чунон мерехт, ки ҳатто рӯзи дафни падарам ин хел набуд. Ман намедонистам барои чӣ мегирям, вақте ки мо ҳарду мегиристем, Насим аз модарам пурсид:

— Чаро гиря мекунед, кӣ мурдааст?

Модарам хеле таваққуф карда, сонӣ ашки чашмонашро пок карда гуфт:

— Деҳа мурда истодааст, деҳаи бе одам мурдааст. Мо охирин ҷон, ки чун хуни гарм дар пайраҳаҳои дилаш дар ҳаракат будем баромадем… Ман ба умеди зинда мондани шумо аз ин ҷо меравам, то ки нишоне аз ману падаратон монад. Агар зинда бошам, боз ба ин Ватан меоям, чархи фалак гардаду боз обод шавад. Ман осудагӣ надидам, лекин аз ин ҷо рафтан бароям ба мурдан баробар аст. Ҳоло намедонам, ки ба куҷо меравем ва ҳоли мо дар дашт чӣ мешавад… Бархезед, меравем, барвақтар ба ягон ободӣ расем.

Равон шудему модарам оби дидагонашро резонда, тез-тез ба қафо гашта нигоҳ мекард. Нозим инро баъдтар фаҳмид, ки модар бо зодгоҳаш хайрбод мегуфтааст… Онҳо ба пеш, ба умеди хушбахтиҳо ҳаракат мекарданд. Талу теппаҳои шиносу ношинос паси сар шуда, аз деҳа торафт дур мешуданд. Модар аз шиддати дарди пой бисёр нолаи ҷигарсӯз мекард, лекин аз роҳ бознамеистод.

— Ҳа шербачаҳо, шумо зӯр, монда намешавед, роҳ гардед, поёнҳо расем, он ҷойҳо базеб, обу ҳаво, чиз фаровон, ҳар хел хӯрданию пӯшиданӣ, -мегуфт тасаллиомез модар.

Бо ин таърифу тасалло модар аз тани Насиму Нозим хастагию мондашавиро дур карданӣ мешуд. Онҳо ҳам ҷои мерафтагиашонро хаёлан тасаввур карда, давону парон роҳ мерафтанд, гӯё дар он ҷо шодию хурсандии пешинааашон давом мекарда бошад. Намедонистанд, ки чӣ пастию носозгориҳои тақдир, хорию зорӣ онҳоро дар пеш аст.

— Оча, гурусна шудам, - гуфтани Насим модари хӯшаш дар ким-куҷою дар фикри чӣ шудани ояндаи фарзандонро, ба худ овард…

— Ҳа, ҷони оча, - ҳозир гуфта, рӯймоли тӯшаи роҳро кушода, каме талқин себ ва як пора нони ҷавиро ба ӯ дод. Аз нигоҳи Нозим пай бурд, ки ӯ ҳам гурусна шудааст, ба вай ҳам нон дод.

— Оча, нишаста хӯрем, талқн мерезад, -гуфта мондашавиро пинҳон карданӣ шуд, Нозим.

— Не, ҷони оча, дар ин ҷо истодан мумкин нест, қарибии мазор, хуб намешавад, оҳиста-оҳиста меравем, -гуфта модар роҳгардиашро сустар кард.

Қарибии мазор Аноргул шиддати дардро сахтар ҳис карда аз роҳгардӣ монданашро яқин фаҳмид, ки ба илтиҷою зорӣ даромад: «Илоҳо, ба ман қувват деҳ, эй мазори бузург, ёрӣ кун то дар нимароҳ намонам, ҷигарбандонамро аз нобудшавӣ наҷот деҳ…»

Насиму Нозим аз ин зории модар ҳайрон шуда бошанд ҳам, чизе напурсида, роҳ мегаштанд. Аноргул ҳарчи кӯтоҳ шудани роҳро фикр мекарду халос: «Агар нишаста дам гиранд, боз нон мегӯянд, нон тамом шуд. Барои чӣ

чанд рӯз пештар роҳакӣ нашудам, ҳам нону ҳам талқон бисёртар буд, кифоя мекард ба ду-се рӯз, хурда роҳ равем гуфта, сарзаниш мекард худро. Боз ин поям хавфи калон, роҳ гашта натавонам, чӣ кор мекунам. Шикамам ҳам гурусна, худам мехӯрдам, ба бачаҳо кам мерасид, қаноат карда наметавонистанд». Аз ин андешаҳо дилаш садреш мешуд, лекин дигар илоҷ надошт, фақат ба пеш ҳаракат бояд кард. Ба ҳамин минвол, бо зорию тавалло кӯдакон пеш мерафтанд. Офтоб ҳам ба ғуруб омада, гӯё аз зиндагии торикшудаистодаи ӯ хабар медод...

— Оча, нон! То нон надиҳӣ, мо дигар намеравем, худат рафтан гир, - гуфт Насим.

— Медиҳам-медиҳам, нон ҳаст, талқон ҳам, боз камтар равем, дер шуд, ин ҷо монем, ҳама гургу шер аст, мехӯранд моро...

Модар дигар илоҷе наёфта, бачаҳоро бо ҳамин суханҳо фиребонда, худ андеша мекард, ки «Худоё, ман ба инҳо чӣ медиҳам, дар рӯймол як бурда нон нест. Ба ҳар ҳол рӯймолро намекушоям, агар фаҳманд, ки на нон асту на талқон, кор тамом, дигар намераванд».

— Оҳ, вой мурдаме, худо бигирад ин хеле пойро, - доду войгӯиро сар кард Аноргул.

— Чӣ шуд, чӣ кор кардӣ, - гуфта пурсиданд, бачаҳо.

— Айби шумо шуд, намеравем гуфтед, ана, пои ман аз рафтан монд, ман дигар аз ҷоям бархеста наметавонам.

— Бархез очаҷон, мо дигар дам намегирем, туро азоб намедиҳем, - гуфтанд, бачаҳо.

— Тамом, дигар илоҷ нест, охирин умед канда шуд. Дар атроф ягон ҷонзоти зинда нест, кам-кам шилдирроси об ба гӯш мерасид. Як бало карда то лаби об равем,

шуд. Мана, гир рӯймолро, Нозим, - гуфт Аноргул ва гаваккашон равон шуд…

Баъди каме роҳ рафтан, аз оҳиста омадани модарашон истифода бурда, Насиму Нозим рӯймолро кушода истода:

— Ман бисёр мегирам, - гуфт Насим.

— Не, худам бисёр мегирам, - мегуфт Нозим.

«Гурусна ба шер мезанад», гуфтагӣ барин, ҳарду болои рӯймол ба кашмакаш сар карданд. «Гум шав, ба ту ҳам медиҳам», мегуфт яке, «худат гум шав, ман худам мегирам» мегуфт дигарӣ… Аноргул хастаю бемадор ин ҳолоро дида, оби дида мерехту забонаш намегашт, ки бигӯяд, «беҳуда ғавғо накунед, нон нест». Бо нахустин ҳамлаи «вабои гуруснагӣ» рӯ ба рӯ шуд бачаҳо. Вақте ки рӯймолро кушоданд, ба ғайр аз як кашфи чармини дастидӯз дигар на нон ёфтанду на талқон…

— Ту дурӯғ гуфта, чаро моро фиреб кардӣ, дигар намеравем, гашта ба хона меравем, - малӯлона изҳор карданд бачаҳо.

— Ман шуморо нон нест мегуфтам, намеомадед, аз гурустнагӣ ҳалок мешудем, ба хона рафта чӣ кор мекунед, дар хона ягон хӯрданӣ нест! – хитоб кард модар. Беҳтараш роҳ гардед, поёнтар як қишлоқ ҳаст, шояд савобҷӯе бошаду ба мо ягон бурда нон диҳаду аз мурдан наҷот ёбем. Ман мурдаамро кашида, барои шумо рафта истодааму шумо…

— Майлаш меравем, гиря накун, очаҷон, -гуфт Нозим тарафи ба замин харошхӯрда рехтаи куртаи карбоси модарашро дида.

Ҳар бор, ки Аноргул дастонашро ба замин зер карда, ҷуссаашро ба пеш мекашид, ҳам рони пояш харош мехӯрду ҳам бо дастонаш майдаи хорҳои хасӣ

механиданд. Аммо ба ҷуз дарди гуруснагии бачаҳояш дигар дардро ҳис намекард. Аз дур аккоси саге кам-кам ба гӯши ӯ расид, ки дар дилаш як шарора умед пайдо шуд... Яқин кард, ки поёнтар деҳа аст. Ҳаракаташ каме тезтар шуд.

— Оча, ана об, оча об, - гуфтанд Насиму Нозим, тезтар биё, бинӯш.

— Шумо рафта нӯшед, аввал камакак нӯшед, ки гулӯятон хушк шудааст, гулӯдард мешаведу овозатон мегирад.

— Хуб шудааст, ҳамин хел мекунем, -гуфта давиданд.

Аноргул бо як машаққати тоқатшикан, худро ба лаби об расонида, дудаста ду бор об нӯшида, шукри бисёр кард... Ногоҳ чашмаш ба донаҳои гандум, ки даруни об болои сангрезаҳо буданд, афтиду «ёфтам», - гӯён нидо кард ва ба чидани донаҳои гандум сар кард. Чунон хурсандона мечинд, ки гӯё тилло ёфта бошанд. Дар ҳақиқат ӯ чизи дар ин ҳолат ёфтаашро аз тилло қиммат медонист. Донаҳои гандумро аз як каф ба кафи дасти дигар монда, ду тақсим карда, ба бачаҳояш медоду ба каси гандумрезонда дуои хайр мекард: «Аз бачаҳоят сер шавӣ, дарди сару дасти камро набинӣ...» Обу дон қуввату дармон, хуред, насиби мо будааст, ки дар ин ҷо рехтааст.

Баъди чанде хоидан, донаҳои гандум дар даҳони бачаҳо хамирак шуда, онҳо ширааи онро фурӯ мебурданд. Аноргул якчанд донаи гандумро ба даҳонаш андохта, чӣ тавр ба байни об омада тар шудани либос ва карахт шуда истодани баданашро нафаҳмид. Ҳаракат кард, аз даруни об барояд, аммо натавонист. Аз сустию бемадорӣ умедаш аз зиндагӣ канд, дигар пеш рафтан маҳол буд. «Дареғ

аз умри бебарор, дар дунё ҳеҷ осудагӣ надидам, боз дар остонаи хонаи худ нею дар даруни об мемирам, об ҳаёт аст мегуфтанд, марг ҳам будааст», - андеша мекард ӯ. —«Ба ҳар ҳол, агар коре кунам, ки бачаҳо аз ман гурехта, ба он қишлоқ расанд, бояд зинда монанд, ягона роҳи халосӣ ҳамин аст. Чӣ бояд кард? Ва охирин мадорашро ҷамъ намуда, ба бачаҳо садо кард:

— Гурезед, ба қишлоқ, маро об мехӯрад, - гуфт ӯ.

— Канӣ қишлоқ, дар ин ҷо қишлоқ нест, очаҷон, ба куҷо гурезем?-гуфт Нозим, ки аллакай ранги рӯяш канда буд.

— Дар поён, аз ҳамин пайроҳа берун нашуда равед, - гуфта модар худро ба мисли мурда вонамуд карда, намеҷунбид.

Аз ин ҳол ба дили бачаҳо ваҳму ҳарос ҷой гирифту гуруснагиро ҳам фаромӯш карда, дигар ба қафо нигоҳ накарда медавиданд. То чанд, ки медавиданд, аккоси сагон наздик мешуд. Дуди ғафсеро диданду боварӣ ҳосил карданд, ки қишлоқ аст. Ба қишлоқ наздик шуданду аз тарси сагҳо қудрати рафтанашон намонд, аз пешвозгирии сагҳо тарсиданд… «Аввал ту рав», мегуфт яке «худат рав» мегуфт дуюмӣ. Оқибат ҳарду баробар ба хонае расиданд, ки саге ба онҳо ҳамла кард. Ҳанӯз саг ба онҳо дарнаафтида, соҳибаш:

— «Гум шав, кӯрӣ», - гуфта ба саг воҳима дод, ки саг аз ҳамла бозистод.

— Биёед канӣ, шумо кӣ, аз куҷо омадед, натарсед, ман ҳамин ҷо, саг намегазад, - гуфта марди ришсиёҳи хурсандрӯе хандида истода, онҳоро ба хона даромадан таклиф кард.

Онҳо дар ҷояшон шах шуда, на ёрои гап задан доштанду на мадори рафтан, аз тарс барги бедвор

меларзиданд… Мард ин ҳолро дида, рафта аз дасташон гирифта, ба хона овард, зану кӯдакон ва ҳамсояҳо давида, дам ба дам: «Шумо кӣ, аз куҷо омадед?» - гуфта мепурсиданд…

— Ин қадар ба инҳо кана барин часпидед, бас кунед, ки қоматашон рост шавад, - гуфта марди ришсиёҳ ҳамаро хомӯш кунонд.

— Гап зан, писарам, шумо аз куҷо омадед, танҳоед ё ҳамроҳ доред, - гуфт ҳалимона сари Нозимро сила карда он мард.

— Мо, мо аз боло, ҳам… ҳамроҳи модарам то сангоб омадем…

— Баъд чӣ кор кардед, чаро модарат наомад?

— Модарам, модарам то лаби об омаду ба об даромад, баъд, баъд гуфт, ки шумо гурезед, ки маро об мехӯрад, мо гурехтем, гандум чида доду…

— Аз куҷо?

— Аз даруни об, - гуфтанд онҳо.

— Чӣ хел об одамро мехӯрдааст,- дар тааҷҷуб монданд ҳама…

Мабодо инҳо девона набошанд, ё дурӯғ гӯянд,- мегуфтанд, байни худ миш-мишкунон.

— Ҷои модаратон будагиро нишон дода метавонед? – пурсид он мард.

— Метавонам, - ҷавоб дод Нозим.

— Канӣ, хезед, рафтем, ба инҳо ягон ҳодисае шудагӣ,- гуфт ба ду марди ҳамсояаш ва маркабашро оварда, Нозимро савор карду ба ӯ як пора нон дода, ба роҳ баромаданд.

Анаргул то аз чашм паноҳ шудани бачаҳояш начунбида истод, сонӣ дар фикри аз об баромадан шуд. Аъзои баданаш ях барин хунук, то миёнаш даруни об,

барои тарсонидани бачаҳояш ба чуқурии об даромаду баромаданаш мушкил.

— «Эй, қуввату дармони бачагӣ, ёрӣ кун»,- гуфта оринҷҳои дастҳояшро ба сангҳои калон, ки нимашон зери сангрезаҳои лаби об монда буд, морвор, хазида-хазида, худро аз об берун кашид. Акнун маргро мунтазир буд. Мабодо он овоз-овози саг нею овози гург буд, ҷигарбандонамро хӯрда бошад ё сагони деҳа ба онҳо дарафтида маъюбашон кунанд, ба қишлоқ расиданд ё не, шояд ба хонаи одами некхоҳе расида бошанду ягон чиз хӯрда истода бошанд… Кошкӣ, ҳамин хел шуда бошад, меандешид бо худ.

Шаб домони тираашро ба рӯи замин кашида, ҳама ҷоро дар назар монанди зиндагии ӯ сиёҳ карда буд. Ситораҳо рафта-рафта яллақосӣ мешуданд. Охирин шарораҳои умед дар вуҷуди ӯ бо тапиданҳои сусти қалбаш хомӯш мешуданд. Гоҳо аз ҳуш беҳуш мешуд. Шояд ягон роҳгузар маро дида, ёрӣ кунад. Не, дар ин шаби торик аз ин ҷо касе намегузарад…

Не, аз зинда мондан, мурданам беҳтар, маро кӣ бемордорӣ мекунад, як умр мӯҳтоҷ мешавам, шояд сиҳат шавам… Ҳай вой, ки носозгориҳои рӯзгор ба ман ёр шуданд, тақдир ҳамин будааст, аз тақдир гурехта намешавад»…

— «Оча дар куҷоӣ»? –гуфтани овози шинос ба гӯшаш аз дур расид. Ин овоз дар тани беҷоншудаистодаи ӯ ҷон пайдо кард.

— Ман ин ҷоям, гӯён ҷавоб дод.

Аноргули нимҷонро дар маркаб савор карда, ба деҳа оварданд. Ӯро то субҳдам дар хонаи гарм хобонда, атола тайёр карда хӯронданд. Саҳарӣ, ба ҳуш омадан замон, ба атроф дида дӯхта, ҳаросон нидо кард:

— Бачаҳоям канӣ?

— Ҳамин ҷо, дар паҳлӯят, -гуфт зани марди ӯро овардагӣ.

— Хайрияте, кӯдаконам зинда монданд, ба мақсад расидам, наҷот ёфтанд, -гуфт ӯ. –Раҳмат ба шумо, шумо кистед, ин деҳа чӣ ном дорад? Бо ёрии шумо ману фарзандонам умри дубора дидем. Худамро мурда вонамуд кардам, ки писаронам наҷот ёбанд. Қудрати илоҳиро бинед, ки худам ҳам зинда мондам…

— Ором шавед, ҳамшира, -гуфт марди ришсиёҳ, -ман Мақсуд ном дорам, ин деҳа Хайркорон аст. Ҳеҷ боке не, тақдир ҳамин будааст, ҳоло дар ҳама ҷо аҳвол ҳамин. Иншооллоҳ серию пурӣ мешавад, сабр кардан даркор. Мардуми деҳаи ҳамсоя аз нофаҳмӣ решаи як гиёҳи заҳрдорро хурда, ҳама фавтиданд. Беҳуда нагуфтаанд: «Аз ноумедиҳо басе умед аст, поёни шаби сиёҳ сафед аст». Мерасад рӯзе, ки ин чодари сиёҳи гуруснагиро субҳи босафои фаровонии неъматҳо маҳв мекунад…

— Кошкӣ, ҳамин гуфтаи шумо шавад. Охир деҳаҳо вайрону хонаҳо холӣ шуданд, - иброз кард Аноргул. – Ман ба он рӯзҳои нек зинда монам ё намонам, писаронам расанд, шуд. Ин рӯзгузаронию зиндагии сахт маро амон медиҳанд.

— Не, хоҳар, ин хел ноумед нашавед, мерасед то он рӯзҳои нек, - гуфта тасалло дод ӯро Мақсуд…

Аммо ин тасаллодиҳӣ рӯзи дигар, вақти ба хок супоридани Аноргул бо аҳли деҳа ба ёдаш омаду дилаш реш шуд. Вай офарин ба ҷонсахтии модар хонда. «Бо чунин аҳвол фарзандонашро аз марг раҳонида, худашро ба ҳалокат расонид, офарин, ба ҷасоратат, модар! Дар ҳақиқат ту сазовори номи модар будаӣ!…»

Марги бемаҳали модар, рӯзи Насиму Нозимро сиёҳ кард. Акнун дар гирдоби зиндагӣ ба куҷо рафтану чӣ кор

карданашонро намедонистанд. Мақсуд бо ҳамдеҳагонаш якҷоя шуда ба Насим маслиҳат доданд, ки молу гови мардумро ба чаро бурда биёранду як бурда нон, «оши ҳалол» ёфта, рӯз гузаронанд. Онҳо ноилоҷ розӣ шуданд.

— Кай хона меравем, ака, биё равем, пешин шуд, гуфта рӯзҳои ба чаро бурдани пода гиря мекард Нозим, ки ин Насимро хуни ҷигар мекард.

— Майлаш, меравем, - мегуфт ӯ.

Солҳо гузаштанду Насим дар «Хонаи бачаҳо» ба воя расида, хату савод омӯхт, сонӣ кор, баъд ҷанг сар шуд, ки ӯ бетараф намонд. Баъди ҷанг барои шод кардани рӯҳи модари бо хорию зорӣ умр ба сар бурдаву фавтидааш ба деҳаи Хайркорон омад. Деҳа кайҳо вайрону хароб гардида, одамонаш ба ҷойҳои пахтакор кӯч баста буданд. Дар ҷои деҳа хаймаи муваққатии даҳмардаҳои ба чарогоҳи тобистона омада буду халос. Ӯ ба сари қабри модараш рафта, ба зону нишаст:

— Модарҷон, ман акнун фаҳмидам, ки ту чаро «Маро об мехӯрад» - гуфта будӣ, оре, барои зинда мондани мо ҳамчун нишоне аз ту. Шод бод рӯҳат, бо чунин андешаю бузургиат…Тақдир ба ман дасту ба ту амон надод, то ба ту ёру мададгор мешудаму дуоятро мегирифтам…

Насим муддате мисли ҳайкал беҳаракат шуда, рӯзҳои гузаштаи ҳамроҳи модар буданашро ба ёд оварда, ашки чашмонаш ҷорӣ шуд. Ин ашки афсусу надомат аз гиромидошти ҷасорату бузургмеҳрии модараш буд.

# ШУКРОНА

Шамоли саҳарии тирамоҳ баргҳои ба замин рехтаи дарахтони бесамар, ки дар канори растаи роҳи мошингард шинонида шуда буданд, тела дода, садои гӯшхароше мебаровард. Гӯё баргҳои рехта мегиристанду баргҳои болои дарахтон бо садои форами ба вуҷуд омадаи худ, ба ҳоли онҳо механдиданд. Насими рӯҳбахши субҳгоҳӣ ва ҳавои тозаи бедуди мошинҳо ҳар нафас аз ӯ мадхӯшӣ аз айшу ишрати шабонаро дур карда, дар вуҷудаш ҳушёриро барқарор мекард. Пеши чашмаш гоҳ қадаҳҳои шароб,гоҳ даҳони аз ханда ба баногӯш даридаю дандонҳои тиллои ялаққосии ҳамнишинону қадаҳгӯиҳои онҳо пайдову нопайдо мешуд…

«Саломат бошанд, ҳозирин, рӯзи бадтаринатон ҳамин шаби айш барин бошад, баъди ин боз якҷоя нишинем», - гуфта қадаҳҳо паи ҳам холӣ мешуданду ҳоли ҳушёрон табоҳ мешуд. Баъд дастҳо ба гарданҳо халқа гашта, ҷуфт – ҷуфт шуда, ҳар кас медонисту дави аспаш… Ҳама гӯё мақсадашон айшу ишрат буду тамом, дигар дар сар хаёлеву савдои кори дигар набуд.

Таманно ба болои тахтакурсии назди дарвозаи оҳанине нишаста, айши шаби гузаштаро аз пеши назар мегузаронду кӯшиш мекард, ҳамроҳи кӣ, кай ба ин ҷо омаданашро ба ёд биёрад, вале бефоида. Комёб шуданд, дилашон хунук мешаваду оварда мепартоянду мераванд, лозим шудӣ, боз кофта меёбаду… Ба зани ҷорубдасти дар паҳлӯяш нишаста нигоҳ карду қавоққҳои овезони ӯ ва ҷои ношиносро дида, аввал ҷуръат накард, сонитар аз ӯ пурсид, «Холаҷон, ин ҷо кадом корхона?

— Э, дафъ шав, ту барин ҷиян. Худо маро накушт, ки ту барин ҷиянҳои чашмсурхи омадагиро набинам.

Дар пояш рост истода наметавонаду боз гап мезанад, - бо ғазаб гуфт зан.

Таманно якбора ҳамаро фаромӯш карда, ҳушёр шуд. Ба хашм омада, ба ӯ нигоҳ намуда, ҳақорат карда хост, боз ба ҷорӯби дарози дасташ нигоҳ карда, мабодо занад гуфта, андеша карда монд. Ин қадар сабукмиҷоз будааст, як чиза пурсидам, чунин носазо гуфт, агар муноқиша кунам, яқин бо ҳамон ҷоруб зада-зада, хокрӯба барин рӯфта мепартояд. Ин худаш кӣ, як ҷорубкашу дағдағаашро бин. Хайр, бало ба паси сараш боз ба милиса хабар надиҳад, ки ба ҳушёрхона баранду дар ҷои корам шарманда шавам. Беҳтараш хомуш нишинам, беҳуда нагуфтаанд, ки «Забони сурх сари сабз медиҳад ба бод». Ин занак модашер барин аз ягон бало наметарсад. Дигар ҷуръат накард, ки ба ӯ нигоҳе кунад.

Мошини сабукраве омада истоду аз дарунаш ду ҷавон баромада, пиразанеро, ки базӯр-базӯр роҳ мегашт, аз бозувонаш дошта оварданд. Занак чобукона аз ҷояш хеста, ҷорӯбашро як-сӯ гузошту «биё-биё», - гӯён пиразанро ҷой доду аз паҳлӯяш нишаст.

— Хайр, момаҷон, мо рафтем, ҷои шумо ана ҳамин бино, шумо каме дам гиреду баъд ба қабулгоҳ равед,- гуфтанду равон шуданд. Занак якбора ба шӯр омада:

— Ҳой, худобехаварон, ин кампирро партофта куҷо меравед,- гуфта ҷорӯбашро гирифта, аз ҷояш хест.- Э, садқаи модар шавед, шумо барин ҷавонмардон.

— Хола, мо роҳгузар, ба кор мерафтем, ки ин пиразан аз ҷӯйбор гузаштанӣ шуда афтиду диламон сӯхт. Савор карда ба ҷои мекофтагияш овардем.

— Бубахшед, додар, ман нафаҳмидам, хаёлам писаронаш мешавед.

— Ҳеҷ гап не, холаҷон, худо аз ин хел рафтор нигоҳ дорад,- гуфт яке аз ҷавонон.

— Инҳо роҳгузар.- гуфт пиразан.- Хоб майлаш, бачам, раҳмат ба шумо. Худо шуморо дар паноҳаш нигоҳ дораду хор накунад, мӯйсафед шаведу роҳати фарзандонатонро бинед.

— Намеарзад, намеарзад,- гуфта ҷавонон гашта рафтанду, пиразан ӯф, гӯён оҳи пурдарде кашида,кошки, писари ман ҳам зинда мебуду маро парасторӣ мекард, то имрӯз дар ба дар намегаштам.

— Ҳеҷ гап не, модарҷон, Ҳукумати Шӯро ҳамаро парасторӣ мекунад,-ба кампир тасаллиомез гуфт занак.- ҳеч кас дар кӯча намондааст. Мебахшед, модарҷон, шумо чӣ ном доред?

— Мани бадбахтро модарам Зиёдамо ном кардааст, ки имрӯз зиёдати шуда дар майдон мондаму ҳама аз ман безору гурезон шуданд,- гӯфт ӯ,- баъди вафоти писарам келинам маро аз хона пеш кард.

Пиразан ҳикоя мекарду ашки чашмонаш ба рухсораҳои ожангдораш ҷорӣ мешуд. Занак бошад, бо лаби рӯймоли докаи дарози сараш оби чашмони пиразанро пок карда, «гиря накунед модарҷон, дар ин ҷо садҳо шумо баринҳоро парасторӣ мекунанд» гуфт.

Таманно ба сӯҳбати онҳо гӯш дода, фикр мекард: «Ё тавба, ин занак чӣ хел одам, аз ғазабаш қариб ман заҳракаф шаваму бо ин пиразан ин қадар меҳрубон аст. Хайрият, бо кампир андармон шуда, маро фаромӯш кард, фолбин бошад, набошад аз куҷо фаҳмид, ки ман аз куҷо омадаму чӣ кор кардам. Ба болои дарвоза нигоҳ карду фаҳмид, ки ин ҷо кадом корхона будааст. Ҷои ман ҳам оянда ҳамин ҷо, ҳамин рафторам бошад, эҳтимол маро дар ҳамин ҷо ҳам, фоҳишаю майзада қабул накунанд».

Ӯ худашро ба ҷои пиразан тасаввур карду дилаш якбора таҳ зада рафт. Оби дидагонаш гӯё оташаки сӯзоне будаанд, ки дар ҷигараш рехта, чунон сӯзонд, ки як умр фаромӯш накард. «Одам ҳам ин қадар беқадр мешудааст, оварда мепартоянду мераванд. Ман ҳам айнан ҳамин пиразан барин мешавам…

Шавҳарам бефарзандию беоянда будани зиндагиро бо ман баҳона карда, маро партофта рафт, ман бояд аз ин ҳалокат роҳи халосиро ёбам, аммо чӣ тавр?…

— Бархезед, ба қабулгоҳ меравем, гуфтани зани ҷорубдаст ба пиразан, Таманнои ба фикру хаёл рафтаро ба худ овард. Чӣ, нишаста реша кашидӣ дар тахтаи хушк, канӣ, ёрӣ деҳ, - гуфт он зан ба Таманно.

Ҳарду аз дастони пиразан гирифта, ба қабулгоҳ бурданд. Духтури навбатдор аллакай дар ҷои кораш буд. Аз ҷой хеста, биёед-биёед, марҳамат шинед, ман ҳозир директорро ҷеғ занам гуфта, гӯшаки телефонро бардошта телефон кард…

— Шумо ба ин кас, ба пиразан ишора карда, кӣ мешавед? – гуфт духтур ба Таманно.

— Ман роҳгузар, аз даромадгоҳ ба ин кас ёрӣ додам, акнун ман равам, - гуфту вале рафтан нахост.

— Агар вақтатон бошад, ҳамчун шоҳид иштирок кунед, мо ҳуҷҷатҳоятонро пур мекунему сонӣ меравед.

— Шоҳид, барои чӣ, ин касро ҳабс мекунед?

— Не, ҳабс намекунем, агар нафақа мегирифтагӣ бошад, хешонаш даъво мекунанд.

— Ин занак чӣ? – гуфт Таманно.

— Ин кас намешавад, чунки коргари худамон, бовар намекунанд.

— Ӯро аз нафақа маҳрум мекунед?

— Не, дар ин ҷо нисфи нафақаашро фақат ба худаш медиҳанду нисфи дигарашро ба ҳисоби хонаи бепарасторон, барои нигоҳубинаш мегузаронанд…

Мана, директор ҳам омад. Пиразан ба онҳо саргузашташро мегуфту онҳо аз ӯ баъзе чизҳоро пурсида, аниқ карда менавиштанд. Гуфтугӯи онҳоро Таманно гӯш намуда, як меҳру муҳаббат нисбат ба он пиразани дар чорсӯи бекасӣ монда, дар дилаш пайдо мешуд. Оқибат Таманно мақсадашро дар назди ҳозирон изҳор кард:

— Модарҷон, биё рафта ҳамроҳи ман зиндагӣ мекунем. Ман як хонаи сеҳуҷрагӣ дораму худам танҳо, ҳама чиз муҳайёст.

— Не, духтарам, маро бурда чӣ кор мекунед, як дарди сари зиёдатӣ.

— Ҳа, маоши худат барои нӯшидану кайфу сафо камӣ кард, ки боз ин касро бурда, аз нафақааш бисёртар нӯшӣ, - якбора ба шӯр омада гуфт он зан.

— Ин хел нагӯед, холаи Маҳинабону, мумкин ин ду танҳо якҷоя шуда, ба якдигар одат карда, зиндагӣ кунанд. Пиразан худоро шукр, худаш гашта метавонад, ба ҷои лозимӣ рафта меояд. Шумо аз куҷо медонед, ки ин кас майзада, одами дуппа дуруст, ба ин хел кори нек кам одам ёфт мешавад, ки ҷуръат кунад, - гуфт духтур.

— Аз чашмонаш маълум, - гуфт норозиёна Маҳинбону.

— Не, ин хел бошад, мо розӣ шуда наметавонем, сархам шудани Таманноро дида, аз суханони холаи Маҳинабону ба шубҳа афтода гуфт директор. –Агар шумо дар ҳақиқат ин пиразанро ҳамчун модар қабул намуда, парасторӣ карданӣ бошед, мо ӯро муваққатан ба беморхона гузаронида, дар қайди худамон намегирем, шумо ҳуҷҷатҳои лозимиро тайёр карда истед, одамони

махсус рафта хонаатонро мебинанд. Ва агар худаш розӣ шавад, шумо омада ӯро мебаред, набошад, мо нисбати тақдири ин кас бетараф буда наметавонем.

— Чӣ хел ҳуҷҷат биёрам? – гуфт Таманно каме рӯҳ гирифта.

— Ман навишта медиҳам, - гуфта духтур қаламу коғаз ба даст гирифт…

Сипас, директор ба Таманно таъкид кард, ки «Хоҳарам, шумо нағзтар фикр кунед, боз пушаймон нашавед, агар ӯ бемор шавад, пасту баланд карда нигоҳубин намудан лозим мешавад. Вале агар барои бо шумо зиндагӣ кардан розӣ шавад, мо номи ин касро ба рӯйхати хазинаи «Ёрӣ ба бекасон» ва «Шафқат» менависем. Дар ин ҳолат ба шумо мувофиқи ҳимматашон ёрӣ медиҳанд, боз аз ҳисоби худамон ҳам.

— Ба ман ҳеҷ хел ёрӣ лозим нест, маошам кифоя, фақат розӣ шаваду ҳамроҳи ман равад, модари худам барин нигоҳубин мекунам, - ба пиразан нигариста гуфт Таманно ва аз дар баромад…

Вақте ки Таманно аз кор омад, тӯрхалтаи картошка овардаашро паси дар гузошта, болои курсии мулоими такядор нишасту хаёломез ба фарши шустагӣ нигоҳ карда, дар ҳайрат шуд. «Инро кӣ шуста бошад, кӯдакон дар мактаб, модарам наметавонад…»

— Ҳа, бачам, омадӣ, -гуфт Зиёдамо аз хонаи дигар баромада. Албатта, хеле монда шудагистӣ. Оҳо, боз ин халтаро бардошта овардӣ, камтар нагирифтӣ!? Ман ҳозир, турхалтаро ба ошхона бурда монам.

— Не, ман худам мебарам, ин вазнин,- гуфта Таманно тӯрхалтаро бурда дар ошхона монду саҳарии дар дами дарвозаи қабулгоҳи «хонаи бепарасторон»

вохӯрданашонро ба ёд овард… Акнун ба худ меболид, ки дигар танҳо нест, мунису ҳамсӯҳбат дорад…

— Ана чой, - гуфт кампир чойники чой ва пиёларо ба пеши Таманно гузошта, ба паҳлӯяш нишаст. Ин қадар ба хаёл рафтӣ, як пиёла нӯш, ҳозир хӯрок ҳам тайёр мешавад.

— Фаршро кӣ шуст, ягон ҳамсоя омада буд? – гуфт Таманно чойро ба пиёла рехта истода.

— Худам, - гуфт Зиёдамо, - аз хӯрда хоб кардан безор шудам.

— Чӣ хел? – якбора ҳайрон шуда боз пурсид ӯ.

— «Аз одами бекор худо безор» - гуфтаанд, бачам. Аввалҳо худамро хеле фартуту афгор ҳис мекардам, ҳоло боқувват, пушту қанат ёфтагӣ барин, бекор нишаста наметавонам. Кор хуб аст, андармон мешавам.

— Беҳуда ташвиш кашидед, худатон ҳуш надореду чӣ кор кардед?

— Эҳ, бачам, «Дил хоҳад, аз чашми кӯр об меравад».

— Ман шуморо барои шустани фаршу кору бор наовардаам. Худам ҳамаи корҳоро мекунам, шумо фақат болои поятон гашта тавонед, барои ман бас, биёям, ки дар хона бошед шуд.

— Ман одат кардаам бачам, бекор истода наметавонам, охир ин корҳои ман мекардагиро кӯдакон ҳам мекунанд. Вақте ки омадани туро интизор мешавам, худоро сад шукр мегӯму дуои ҷони туро мекунам, ки маро аз чорсуи бекасӣ раҳонидӣ… Дар симои ту бачаи худамро мебинам…

— Майлаш, модарҷон, хафа нашавед, лекин кам кор кунед. Намедонед, ки ман шумо ту чӣ хел миннатдорам. Маҳз бо маслиҳати шумо Умедаю Хуршедро аз «Хонаи

бачаҳо» гирифтам. Хонаи мо ҳам монанди хонаи ҳамсояҳо серғавғо, бо онҳо машғул шуда, намедонам вақт чӣ хел мегузарад.

— Бале духтарам, чӣ хел гузаштани вақтро намедонӣ, шаш сол шуд, ки якҷоя зиндагӣ мекунем… Насиб бошад боқимондаашро ҳам якҷоя мегузаронем.

— Ту аз ман дида ба кӯдаконат аҳамияти бештар деҳ, то ки ба ту меҳру муҳаббат банданд. Фарзандонат оянда доранд, тақдири пиронсолият ба онҳо вобаста мебошад. Ва агар дӯстат доранд, хор шудан намемонанд.

— Не, модарҷон, ман гуфтанӣ ҳастам, ки ҳамаатонро баробар дӯст медорам. Агар онҳоро фарзанд хонда бошам, шуморо модар хондаам. Иншоолоҳ, ки ман шуморо ба нияти неку умеди хушбахтӣ оварда будам, умедам барбод намеравад, «нияти нек ними давлат аст» гуфтаанд.

— Илоҳим бачам, ҳар муроде, ки дар дил дорӣ, ба мурооду мақсад расӣ.

— Хуршедро тӯй кунему мо ҳам ин лаззати зиндагиро чашем.

— Ҳа, кошкӣ, лекин то ӯро тӯй кардана сабзаи хоки гӯри ман як ваҷаб мешавад. Лекин ту ҳам тӯй карда, монанди ман нашавӣ. Шукрона мекунам, ки Хуршед ҳурмату эҳтиромат кунад…

— Модарҷон, аз ӯ дилам пур, намебинӣ баъзан вақт як гапҳое мегӯяд, ки одами калони рӯзгордида барин.

— Гап дар ин не, духтарам, эҳтиёт шудан даркор, ки бо бачаҳои дайдуи кӯчагард гашта, одатҳои бадро ёд нагирад.

— Ҳа, рост мегӯӣ, модарҷон, худо нигоҳ дорад аз он корҳо…

Медонӣ, вақте ки якҷоя то гузаргоҳ меравему Хуршедҷон «хайр, оча» гӯён ба сӯи мактаб меравад, сарам ба осмон мерасад. Дигар ба модарони аз дасти бачаҳояшон гирифта рафтаистода ҳасад намебарам.

Шукр, ки ман ҳам модар ҳастам, ба орзӯям расидам, аз ин пас, аз дунё умеди волое надорам.

## ДАВОМИ УМР

— Аз байни шумо яке бояд раисии колхози «Байрақи Октябр»-ро ба ӯҳда гирад, - гуфт Наталя, - мӯйҳои зарди тиллоранги ба пеши чашмонаш парешоншударо барзада, ба «талабагон», ки аксар занони 19-25 солаи шавҳардор буданд. Аз ин таклифи ногаҳонӣ талабагон, ки барои ба мактаб омадан доим дар таъқиб ва тарсу ҳарос буданд, вуҷудашон ба ларза омад.

— Чӣ ин қадар тарсону ҳаросон шудед. Дар ноҳияи Мӯъминобод аввалин зане, ки раис мешавад, аз байни шумо бошад, чӣ бадӣ дорад? – гуфт боз муаллима. Талабагон, ки аз шунидани ин гап онҳоро якбора воҳима зер карда буд:

— «Мо куҷою раисӣ куҷо? Аз ҷонамон сер нашудем, ки сари бедардамонро ба дард андохта, раис шавем. Ҳама атроф босмачию қӯрбошӣ, бою муллобачаҳои ба хуни мо ташна. Занаки раисшударо зинда ба зинда пӯст мекананд», - гуфта рӯймолҳои ба гарданҳояшон овезонро ба гирди манаҳояшон чунон печониданд, ки фақат чашмонашон намудор буду халос.

— Муаллима Наталя Семёнова, ки чунин ранг гирифтани аҳволи талабаҳоро надида ва тарси онҳоро ҳис накарда буд, чунон бо завқ хандид, ки аз чашмонаш ашки шодӣ берун шуд. Ин хандаи бемавриди муаллима ирода ва нангу номуси занонро бедор кард, ки яке аз онҳо рӯймолашро кушода ба муаллима чашмак зада, бо сараш ба сӯи Санавбар ишора карда гуфт:

— Эҳтимол Санавбар ҳаваси дар вазифаи аввалааш кор кардан дошта бошад, ки ин қадар ба андеша рафтааст. Саводаш ҳам ҳаст. Дар давраи раисиаш хондан ва навиштани хатти форсиро аз «Таккариш» омӯхтааст. Ҳама якбора хандиданд. Аз ин суханони нешдор, Санавбар аз хоб бедор шудагӣ барин, чашмони сиёҳи зебояшро калон-калон кушода, - «Ман… чӣ хел? – гӯён ҳайрон шуд.

— Нав халос шуда буду боз ташвиш калон мешудагӣ барин. Акнун «раиси мардакҳои колхоз мешавад», - гап парронд касе.

Муаллима, ки ба баҳсу мунозира гузаштани талабаҳояшро бодиққат гӯш мекард, давоми мунозираро муносиб надида, аз ҷой хеста гуфт:

— Акнун одами ба ин вазифаи душвор ва пуршараф пешбарӣ мекардагӣ ҳам ёфт шуд. Ман ба одамони дахлдор маслиҳат карда, номзадии Шуморо нишон медиҳам. Ҳоло бевақт шуд, ба хонаҳоятон равед! «Ҳамсинфон» пичинг зада, - «Вазифа муборак!» гӯён баромада рафтанд. Наталя Санавбарро барои ҳамроҳ ба хона рафтан мунтазир карда, худаш дари синфхонаро махкам кард. Паҳлӯи ҳам қадам зада, ба сӯи хонаҳои похсагин, ки чанд сол пеш аз нури озодии Инқилоб равшан шуда буданд, мерафтанд. Санавбар таънаю маломатҳои занони ҳамқишлоқиро ба ёд оварда, оҳи

сарде кашид. Мехост ҳамсӯҳбате бошад, ки ба ӯ рози дил гуфта, дили пураламашро каме холӣ кунад. Наталя аз таги дили ӯ бохабар будагӣ барин пурсид:

— «Таккариш» - аш кӣ буд? Ту дар хонаи вай чӣ кор мекардӣ? Мехондӣ ё хизматгорӣ мекардӣ?

— Эҳ, ин ҳикоятест дароз, аз бадбахтии ман, аз гуфтанаш чӣ фоида, аҳволи ман беҳ намешавад. Захми дилам тоза нашуда, бадтар мешавад.

— Хайр, ихтиёрат, лекин аз нагуфтан ҳам фоида нест. Ана, расидем, биё дар хонаи ман як дам нишаста сӯҳбат мекунем, баъд меравӣ! – гуфт Наталя. Санавбар чун оҳӯи аз дарранда рамидагӣ якбора аз ҳамсӯҳбаташ як-ду қадам дур шуда, тамоман меҳмон шуданро рад кард. Наталя аз рафтори ӯ ҳайрон шуда, пурсид:

— Воқеан, чаро ҳеҷ кас ба хонаи мо намедароянд. «Одамкушхона» барин ҳама аз даромадан меҳаросанд?

— Чунон саволҳо медиҳӣ, ки ман то субҳ дамидан ҷавобашонро гуфта наметавонам. Биё, беҳтараш ба хонаи мо меравем. Ту аз ягон бало наметарсӣ! Ба ҳамаи саволҳоят ҷавоб гирифта, баъд омада дам мегирӣ, ҳоло аввали шаб аст.

— Чӣ хел бало? –боз савол дод Наталя хиҷолат кашида, раҳравон.

— Мешавад, мешавад, - гӯён Санавбар ӯро кашолакунон ба хона бурд. Ҳанӯз ба назди дари ҳавлӣ нарасида, ак-аки саги бадхашм дили Наталяро ба воҳима овард. Санавбар аввал худро ба саг «шиносонида» ӯро ором кард, баъд дарро кушод. Биё, натарс, ором шуд, - гуфт ва ба саҳни ҳавлӣ даромаданд. Модараш, ки аз ғазаби «посбон» хавотир шуда буд, ба долон баромад.

— Оҳо, меҳмон омад, — Наталяро бо духтараш дида ба истиқболи онҳо баромад пиразан.

— Канӣ модарҷон, бибихалифаҳои пирро ба хона дароред! – гуфт Наталя хандида, ки аз мазамматӣ пиразанҳо бохабар буд.

— Марҳамат-марҳамат, ҷонам катӣ, -гуфт пиразан.

— Духтарам зиёфати фақиронаи моро айб накунед, ба шавлаи табақ ишора кард, ки аз биринҷаш дида ду-се баробар алафу гиёҳҳои баҳорӣ бисёр дошт.

— Фақирона не, шоҳона гӯед, модарҷон. Фақирӣ тамом шуд, акнун шоҳу гадо баробар.

— Эҳ, духтарам, то ин шӯру ошӯб тинҷ нашавад, озодию баробарӣ аз куҷо! – пиёлаи чои субинак (қоқутиро) дароз карда, -гуфт пиразан.

Гирди дастархон, зери нури чароғи керосинӣ сӯҳбат тафсиду ба ёди Санавбар саволҳои турнақатори муаллима омад. Санавбар ҳарчанд дили бе ин ҳам пурғаму андӯҳи модарашро озор дода, ҷароҳаташро тоза кардан намехост, вале ночор, илтиҷоомез ва бахшишхоҳона ба сӯи ӯ нигариста, гап сар кард:

— Аз камбағалию бенавоӣ падару модарам барои аз дасти гуруснагӣ наҷот ёфтан, маро ба болои се зан ба Қувватбой ба шавҳар доданд. Дар чордаҳсолагӣ чӣ медонистам, ки маро ба шавҳар додаанд. Хаёл мекардам, ки маро ба меҳмонӣ ба хонаи ягон хешам бурдаанд. Зани калонии бой як ҳафта маро таълими одобу ҳурмату эҳтироми шавҳардорӣ омӯхт. Ман ин таълими «Бибиотун»-ро як бозии кӯдакона пиндошта, ба он чандон аҳамият намедодам. Баъди ин таълим, вақте ки бой ба ман овора шуд, ман моргазидагӣ барин доду фарёдкунон ҳама аҳли хонаводаи бойро, ки дар хоби ғафлат буданд, бедору безобита карда гурехтам. Он «аҷӯзаи» пир маро дар дами дарвоза, ки ҳуҷрааш

дар паҳлӯи он буд, дастгир карда, кашолакунон ба хона бурд. Аз мӯйҳоям дошта чунон ба тарафи худаш кашид, ки ба хаёлам дар сарам ягон тор мӯй намонд. Дар ҳоле, ки бой рӯ ба рӯ ва занҳояш маро иҳота карданд: «Пирхари таккариш» -и беинсоф маро мекӯшед гуфтам. Маро аз дасти ин пирзол гиред, мӯю рӯямро канда, сару рӯямро хуншор мекунад». Бой барои маро осудаю ба худаш ром кардан ба бадани чун саночи пуфкардашудаи бибиотун се-чор қамчин зада, шумо хизматгори Санавбар ҳастед. Аз пагоҳ ӯ «раис»-и шумо. Ду зани дигари вай зери долон оҳиста-оҳиста «Таккариш», гуфта ҳиқ-ҳиқ хандида, бо рӯймолҳояшон даҳонҳояшонро дошта, сӯи мо нигоҳ мекарданд. Бо ҳамин ба тақдир тан дода, ман раиси занҳо шудаму Қувватбой бошад, номи аслиаш гум шуда «Таккариш» ном гирифт. Ман аз бефаҳмӣ баъзан калонгарӣ карда, раис шудам гуфта ба корҳои хона эрод мегирифтам, ба занҳои бой ин хел кунеду он хел гӯён амр медодам.

Аз ин хислат дили садреши модари Санавбар, ки ба гудозиш омада буд, дигар тоқат накарда, об аз дидагонаш ҷорӣ шуд.

— Кошкӣ, мани сарсахту раҳматии падарат дар ивази ту озуқа нею заҳр гирифта мехӯрдем, ки хорию зории туро бо чашми худ намедидем. Падарат пеш аз мурданаш васият карда буд, ки акнун рӯзҳои неку серию пурӣ дар пеш аст. Ман нарасидам, ту шояд бирасӣ. Соли серӣ нон, ки фаровон шуд, як пора бурда ба сари қабри ман бимон, то мардум бидонанд, ки ман аз гуруснагӣ мурдаам ва ба қадри нон бирасанд. Духтарам инро ҳаргиз фаромӯш накун.

— Вақте ҳуррият шуд, ҳокимияти нав молу мулки Қувватбойро давлатӣ кард. Як қисми хонаю ҳавлиашро

идораи колхоз карданд, -андак оҳи сабук кашида, суханашро давом дод Санавбар. Бой дигар тоқат накарда, як ҳафта баъд мурд. Марги ӯ дар байни занҳояш, барои соҳиб шудан ба чизу чораи дар хона монда ҷанҷол, мӯйканию рӯйкании калон ба вуҷуд овард. Азбаски бой фарзанд надошт, ворис ва нону оши ба арвоҳи ӯ медодагиро ба зиммаи бародараш гузоштанд. Баъди оши соли Қувватбойро додан, бародараш Зардак ба дастаи босмачиён навкар шуда рафт. Хонаи ӯро идораи колхоз кардану хонаи бародарашро ба ту ва шавҳарат доданд. Аз тарси Зардак ба хонаи шумо касе намедарояд, шумо бояд эҳтиёт шавед!

— Ана гап дар куҷо будааст, - фикр кард худ ба худ Наталя.

— Ман аз зиндон озод шудагӣ барин, ба ҷанҷолу хархашаи хонаи бой аҳамият надода, либосҳоямро гирифта ба хонаи худамон, назди модарам омадам. Чи тавре, ки медонӣ аз ночорӣ, мӯҳтоҷии ҳезуму осиёбравӣ модарам Дарвешалии бекасукӯйро хонадомод кард. Соҳиби фарзанд шудем, - Санавбар Орзуи сесолаи дар хоби ноз бударо нишон дода, нақлашро ба охир расонд.

— Воқеан Дарвешалӣ куҷост? – пурсид Наталя.

— Ба Кӯлоб барои овардани гандуми тухми улов фармудаанд, ӯ ҳам рафтааст, шаш рӯз шуд хабаре нест.

— Оҳо, ҳа нагуфта субҳ медамад. Хайр, ман акнун равам, мабодо, шавҳарам омада бошад, хуб намешавад. Хайр, шабатон ба хайр! – гӯён Наталя хеста равон шуд. Ҳар қадар Санавбару модараш хоҳиш карданд, ки ҳамин ҷо хоб кунад, Наталя розӣ нашуд.

— Ин урусҳо аз ягон бало наметарсанд, шабу рӯзашон як аст, - гуфт модараш ба Санавбар, баъди рафтани ӯ.

Нисфирӯзӣ се савор омада, дар назди анбори колхоз, ки деҳқонони аз улав омада ҳам дар он ҷо бори харҳояшонро фуроварда, ба кӣ супориданашонро надониста, нишаста буданд, қарор гирифтанд.

— Раис куҷост? – баъди салому алейк пурсид яке аз саворон. Деҳқонон чанд рӯз беист роҳ гашта, мондаю шалпар буданд, ба даҳон об гирифтагӣ барин, лом намегуфтанд. Боз ҳалимона саволашро такрор карда, - ман раиси ревком, ин кас Марков – мудири шӯъбаи кофтукови ҷиноятӣ- худашонро шиносониданд. Ин дам Наталя ва Санавбар, ки аз дер омадани деҳқонони ба улав рафта хавотир шуда буданд, одамони дар назди анбор ҷамъ шударо дида, омада расиданд. Аз гарму ҷӯшон вохӯрӣ кардани Наталя ва раиси ревком маълум буд, ки шиноси наздиканд. Пас аз вохӯрӣ раиси ревком аз Наталя пурсид, ки ту ҳам намедонӣ, ки раиси колхозатон дар куҷост?

— Ба ким-кӣ гандуми тухмии дар анбор бударо фурӯхта, аспи колхозиро гирифта, ба куҷое ғайб задааст. Мо бояд раиси нав интихоб кунем, -гуфт Наталя.

— Мо ҳам як ҳафта боз зану фарзандонамонро надидем, колхозчӣ шуда аз ҳама мондем,- аз хомӯшӣ ба шӯр омаданд, деҳқонони аз улав омада.

Ҳозир аз сад раис барои халқи гурусна як халта гандуми тухмӣ авлотар аст, лекин бе раис ҳам намешавад.
— Хайр, шумо номзади муносиб доред?, - пурсид раиси ревком.

— Бале, ин дафъа мо Санавбарро раис интихоб мекунем. Шумо чӣ мегӯед? - ба колхозчиён, зану мардҳои

деҳа, ки аллакай ҳама ҷамъ шуда будаанд, рӯ оварда гуфт Наталя. Ҳозирон яке ҳайрон, дигаре хандон ба якдигар нигоҳ карда, боз хомӯш шудаанд. Ва Наталя касе, ки тарафдор бошад,хоҳиш мекунам даст бардорад, гуфта худаш дасташро боло кард. Паи ҳам ҳозирон даст бардоштанд. Ягона бетараф Дарвешалӣ буд, ки аз раис шудани занаш метарсид, ки ягон бало ба сараш наояд.

— Не, ман наметавонам, ин чӣ хел мешавад, ман ҳеҷ чизро намефаҳмам, раисӣ осон нест, - гуфт Санавбар.

— Нағз намешавад, хоҳарам, ба Шумо Наталя Семёновна ёрӣ медиҳад, боз мо ҳастем, омада мефаҳмонем. Ин барои Шумо имтиҳони ҷиддӣ аст. Аввалин зане, ки раиси колхозро ба ӯ бовар карда месупорем, туӣ, - ба ҳозирон рӯ оварда гуфт раиси ревком. Акнун аз паи коратон шавед, гандумро қабул карда, ба шудгори замин тайёрӣ бинед. Халтаю хурҷинҳои гандум, ки ҳамааш яквазна будаанд, бе тарозу онҳоро Санавбар, бо маслиҳати муаллима қабул карда, ба анбор рехта, дарашро маҳкам карду Дарвешалиро қаравул таъин кард. Бо ду ҷуфт барзагов заминҳои колхозро шудгор карда, ба кишт тайёр кардан номумкин буд. Бинобар ин бо деҳқонони барзагов дошта маслиҳат карда, аз ҳосили гандум музд ваъда карда, ба шудгор ҷалб карда шуданд. Ин гап: «ба барзагов колхоз музд медиҳад» зуд паҳн шуда, сабаби аз дилу ҷон бо қувваи дучандон ба шудгор сар кардани деҳқонон шуд, ки дар мӯҳлати кӯтоҳ кишт ба охир расид.

«Занро мӯяш дарозу ақлаш кӯтоҳ мегӯянд» - инро мӯяш ҳам дарозу ақлаш ҳам расо-мегуфтанд ба Санавбар, пешравии колхозро дида. Рӯзгор пеш мерафт маҳрумияту хориҳо поён ёфта, рӯзи шодмонию сурур наздик мешуд. Муваффақиятҳои колхози «Байрақи

Октябр» ғаши душманони сохти навро меовард. Онҳо хостанд ҷазои ин зани «беақл»-ро диҳанд. Боре Санавбар болои саманди бодпо, лаб-лаби гандуми нимрасида, аз макри душманон бехабар ба маркази район, ба маҷлис роҳ пеш гирифт. Ӯ дар вазиши мавҷҳои гандумзор шиками сери мардум, табассумҳои ширини кӯдакон, орзуҳои чандинсолаи пирони хирадро, ки ҷомаи амал мепӯшиданд, медид ва ба худ мегуфт: «Аз ноумедиҳо басе умед аст, поёни шаби сиёҳ сафед аст». Имсол ҳам ҳосили хуб мешавад. Бо чунин андешаҳо аз сангоби Алот гузашта, ба деҳаи вайроншудаи Чорбоён расид. Ҳангоми аз байни деворҳои харобшудаи деҳа гузаштан саманд аз чизе рамида, гӯшҳояшро рост карда, аз ҳаракат монд. Чашми Санавбар ба чашмони шинос ва рӯи бо сари дастор пӯшонидашудаи Зардак бархӯрд. Як вақтҳо додаршӯй буданашро ба ёд оварда, салом дод, вале ба ҷои аллейк: — Ҳа, раис, ба куҷо? Саломи туро ҷавоб гуфтан гуноҳ аст, маро бисёр мунтазир кардед, - гӯён Зардак ба арбада сар кард.

— Салом қарз аст. Ба район, ба маҷлис, - ҷавоб дод Санавбар.

— Маҷлисро дар ҳамин ҷо мегузаронем, давоми раисиатро ту беимон дар дӯзах мегузаронӣ, - заҳрхандае карда гуфт Зардак, тапончаашро бозӣ доронда. Санавбар ба сараш оби хунук рехтагӣ барин ба худ омада, фаҳмид, ки ба макри душман гирифтор шудааст.

— Канӣ, гап зан, ин колхоз ба Шумо чӣ ваъда кард, ки ҳама пашшаҳои ҳаромхӯр барин ба колхоз часпидед. Ҳама чиз дар байни шумо умумӣ аст, мегӯянд. Эҳтимол ту ҳам умумӣ бошӣ, ки дар зини асп намеғунҷӣ. Мо шумо кофирони беимонро кушта, колхозҳоятонро оташ мезанем, - ба додзанӣ гузашт Зардак.

— Аввалаш ин, ки мо аз шумо имон наметалабем, дуюм ин, ки колхоз ба мо он чӣ ки мехостем, дод. Замину об, озодӣ, акнун барои худ меҳнат мекунем, барои шумо барин муфтхӯрҳо не, - гуфт Санавбар хандида. Шумо кистед, аллакай худатон мурда истодаеду маро чӣ хел мекушед. Аз сояи худатон метарседу боз колхозҳоро оташ заданиед, - гуфт дар баҳс мағлубшавии рақибро фаҳмида.

— Мо, ана ин хел мекушем, - гӯён ба шиками Санавбар ду тир холӣ кард.

— Акнун саг барин ҷон деҳ! –хитоб кард Зардаки қотил ва ҷасади ба хун оғуштаи ӯро аз болои асп афтонда, ба чоҳе, ки барои обнигоҳдорӣ канда шуда буд, тела дода, худаш ба асп савор шуда гурехт.

Дили саршори муҳаббату орзуҳои ширин, хоҳони ривоҷу равнақи сохти колхозӣ, аввалин раиса дар райони Мӯъминобод аз тири душманҳои Ҳукумати Шӯро аз тапидан монд. Баъди як ҳафта турбати ҳавлгирифтаи ӯро аз чоҳ бароварда, дар қабристони деҳа дафн карданд. Вақте аспи Санавбарро коркуни идораи кофтукови ҷиноятӣ меовард, аз куҷо овардани аспро аз ӯ пурсиданд. «Инро аз Зардак гирифтам гуфт ӯ. –Вай онро ба он тарафи дарёи Панҷ мебурд». Ӯро ҳангоми гурехтан захмдор карда, дастгир карданд. Модари Санавбар сари Орзуро ба канор гирифта, чунон нола мекард, ки агар сад Зардак дар як дам мемурд, дилаш тар намешуд.

Орзу чун давоми умри Санавбар Ғуломова ба ҳаёти фирӯз комёб шуда, аҳлона меҳнат ва хизмати Ватанро карда омад…

# БАНГӢ

Бигир кордчаатро, ман чӣ медонам, ки ин хел мешавад, - гуфта ба зорӣ даромад Ҳасаналӣ.

— Не, чуқуртар халондан даркор, қишлоқии даҳоняла, ҳозир шикамбаатро чок мекунам, ту киро фиреб мекунӣ! Медонӣ, ки тухми вай чанд сӯм меистад, пулаш ҳам як навъ, ёфтанашро намегӯӣ, ба кӣ фурӯхтӣ?

— Ба ҳеч кас нафурӯхтам, дуздиданд ҳамаашро. Ман ба ту махлуқ гуфта будам, ки аз ӯҳдааш намебароӣ, шикорчиёнаш бисёр, дилат пули ғафс хосту… Даҳоняла, охир пул аз лаби об намеояд, хато кардам, ки ба ту бовар кардам, - гуфт якбора аз ғазаб паст омада Бердии бангӣ.

— Ман чӣ донам, ки ба умеди пул шуда дар чунин бало мемонам, пулаш ҳам дар гӯр худаш ҳам, - сархам шуда гуфт Ҳасаналӣ.

Вақте ки Ҳасаналӣ ба нашъаҳои дар порӯзамини сояхома намнок кардааш об дод, бехи онҳоро нарм мекард, нашъунамояшонро дида завқ мебурду банчаи пул пеши чашмонашро мегирифт: «-Ана пул дар кучо будаасту ман кор кофта гаштам. Ба қавле «об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем». Се-чор сол тайёр карда фурӯшам, ҳам мошин мехараму ҳам хона месозам. Соҳиби ҳама чиз мешавам, барои як маоши ночиз аз саҳар то бегоҳ кор кардан ба дилам зад».

— Ҳа, Ҳасаналӣ, чӣ гашта истодаӣ, корро партофтӣ, ин қадар фикр мекунӣ, саломатиат чӣ хел?

— Мешавад, шукр нағз, як сол шуд кор намекунам, як шаҳрро тамошо кунам гуфта омадам. Чашмони рафиқонат ин қадар сурх? Чӣ кафшергаранд ё арақ нӯшидаанд?

— На ину на он, Ҳасаналиҷон, инҳо бангӣ, дуд задагӣ, дунё дар назарашон чарх зада истодааст…

— Мирҷон, намедонӣ ҳамон гиёҳ кай мерасаду медаравӣ?

— Медонаму, лекин аз пешаш набинӣ, чӣ медонӣ, ки расидааст ё не.

Ман гӯям рафта даравӣ, нарасида бошад-ҳеҷ кас намехарад, санҷидан даркор.

— Ҳозир тар аст, чӣ хел месанчед?

— Агар хоҳӣ, ман роҳашро медонам, рафта месанҷем, расида бошад, гирифта хушк мекунию ба касе, ки ваъда карда бошӣ, медиҳӣ, лекин медонӣ, бисёр қиммат аст!

— Набошад кай меравем, санҷида нишон медиҳед?

— Ҳар вақте ки ту хоҳӣ, ман тайёр, меравам.

— Биё, ҳамин рӯз меравему мебинед, маро аз ташвиш халос мекунӣ, чӣ гуфтӣ? Ман бекор, чандон зарур нест дар шаҳр гаштанам, пагоҳ боз меоям.

— Майлаш, мо ҳам бекор гаштем. Оҳо, соат ёздаҳ, ҳозир автобус меравад, агар ба инаш савор шавем, бо охиронаш гашта омада метавонем.

— Куҷо меоед, шаб меистед, пагоҳ саҳарӣ меоед!

— Не, омадан даркор, дар хона ташвиш мекашанд, рафтем.

— Як бало карда дароем шуд, дар роҳ одамон мефароянд, курсиҳо холӣ мешаванд, як халта дар дасту ду кӯдак аз қафояшон, ҷои чанд касро банд мекунанд. Кӯдаконро бо автобуссаворӣ калон мекунанд, дар як ҷо шинед намешавад!?

— Бекор мондагӣ, ба аёдати волидайнашон меравand, Мирҷон.

— Э, падару модарашон, ки мефорид, чаро шавҳар мекунанд, истанд дар хонаи падару модарашон.

Автобус ба пеш ҳаракат мекард, дарахтони қатораки ду бари роҳ ба қафо мегузаштанду Ҳасаналӣ бо дӯстонаш торафт ба қишлоқ наздик мешуданд…

— Ин ҷо ҳаво тоза, дар шаҳр аз бӯи ахлоттӯдаю дуди мошин нафас кашида намешавад. Хайр, Ҳасаналӣ мо дар ҳамин ҷо нишаста дам мегирему тамошо мекунем, ту рафта аз баргҳояш камтар гирифта биёр.

— Биёед, рафта дар хона мешинем, як пиёла чой менӯшем, ин қадар роҳ омадему нахӯрда меравед?

— Не, вақти чойнӯшӣ нест, бегоҳӣ шуд, гашта рафтан даркор, ту тезтар рафта биёр, автобус наравад!

— Аз ин ҷо ҳамаи қишлоқро дидан мумкин, хонаашон дар куҷо бошад?

— Ҳамоне, ки дар ҳотааш ғарами коҳи кӯҳна дорад. Нигоҳ кун, ана, худаш ҳам рафт, дар пушти ғарами коҳ будааст ҷои коридааш.

— Фардо бегоҳӣ омада, ҳамаашро гирифта мерафтем.

— Не, Салимбег, саросема нашав, фардо биёяд аниқ мефаҳмад, ки кори мо аст. Се рӯз пас, шабона ҳардуятон меоеду нағзакак медараведу гирифта меравед!

— Ҳасаналӣ, тез биё, дер шуд, автобус меравад, канӣ ба ман деҳ.

Ҳа, қариб омадаӣ, мо инҳоро бурда бо дарзмол хушк карда дуд мекунем, шаш-ҳафт рӯз пас даравида гирӣ мешавад. Хайр, мо рафтем, агар дертар даравӣ қувватнокиаш хубтару беҳтар мешавад.

— Медонӣ, акаи Бердӣ онҳо рафтанду ман гашта хона рафтам. Як ҳафта пас даравида овардани будам, аммо як саҳарӣ рафта дидам, ки ҳамаашро шабона касе бурдааст.

— «Бовар накун ба дӯстат, коҳ ҷо кунад ба пӯстат» - Онҳо аз баландӣ истода нигоҳ карданду ту рафта овардӣ, ҷояшро диданду шабона омада бурдаанд. Ҳайвон, ҳамон бегоҳӣ ҷамъ карда мегирифтӣ мешуд, аз пешаш бинем гуфта, ҷояшро диданд.

— Ана онҳо барои чӣ аз пешаш медиданд, мани аблаҳи гӯл ба он айёрон бовар кардам. Хайр, ман чӣ донам, ки онҳо чӣ мақсад доранд. Як рӯз ба назди Мир рафтам, ҳамон рафиқонаш ҳам чашмҳо сурх дароз кашида механдиданду бод мешикастанд, баҳуда-беҳуда ба ҳар як гапи бекора механдиданд. Оби даҳону биниашон ба ҳарсӯ пош мехӯрду хари ба хок ғелхӯрдаистода барин болои қолин ғел мезананд, аз одамгарӣ баромадагӣ буданд. Аз Мир пурсидам, ки инҳо чӣ кор карданд? Вай гуфт, ки инҳо аз ҳамон гиёҳ кашидагӣ. Ин як чизи расво будааст, афсӯс, ки нафаҳмидам, одамро аз одамгарӣ мебаровардааст.

— Кӯр як бор ба чоҳ меафтад, дафъаи дигар, ки коридӣ, ҳушёр мешавӣ, эҳтиёт мекунӣ.

— Не, ба ҳафт пуштам васият мекунам, ки дигар ба ин кор даст назананд, аз ҷонам сер нашудаам.

# 2. ЛАТИФАҲОИ ШИНГИЛАДОР

## «Сафари қиёмат»

— Одамон, барои чӣ тамокӯ мекашанд, -пурсиданд аз Мушфиқӣ?

— Барои он, ки «сафари қиёмат» наздик шавад, -гуфт ӯ.

## Шишаи холӣ

Мушфиқӣ муллои маҳалларо ҷеғ зада гуфт:

— Шоҳқайроқи арақхӯр мурдааст, ба ҷаноза равед!

— Дар хайроташ чӣ медиҳанд? –пурсид мулло.

— Шишаи холӣ, -гуфт Мавлоно Мушфиқӣ

## Хайрият

Ба майфурӯше хабар оварданд, ки «фалон майнӯш, ки мизоҷи доимиатон буд, қазо кардааст».

— Хайрияте, гуфт майфурӯш, -ӯро на ҷои кор монда буду на пул…

## Феъли соҳибашро дорад

Мушфиқӣ ҳар бор, ки аз назди хонаи қозӣ мегузашт, саги қозӣ ба ӯ дармеафтид. Боре қозӣ ин ҳодисаро дида, аз Мушфиқӣ пурсид:

— Чаро ин «вафодор»-и мо фақат ба ту дармеафтад?

— Феъли соҳибашро дорад, -гуфт Мушфиқӣ.

## Чӣ фарқ дорад?

Дузде гови ҳамсояашро дуздида кушт ва ӯро ба қозихона бурданд. Қозӣ ҳукм кард, ки пули говро аз дузд ситонад.

— Гӯштро кӣ мегирад? –пурсиданд аз ӯ.

— Гӯштро ба сагони ман диҳед, зеро ки макрӯҳ шудааст, -гуфт қозӣ.

— Сагони дарбори Шумо ду навъанд, ба кадоми онҳо? –гуфт Мушфиқӣ.

— Чӣ фарқ дорад, -гуфт қозӣ саг ҳамааш саг…

## Шодӣ мекунад

Мушфиқӣ ҳар бор, ки харсавор аз назди майзадае мегузашт, хараш ҳангос мезад.

— Чаро хари ту дар назди ман ҳангос мезанад, -гуфт майзада.

— Ҳайвон-дия, -гуфт Мушфиқӣ «ҷинс»-и худро, ки бинад, шодӣ мекунад.

## Камбудӣ надорад

Навқаламе асари худро ба мунаққид пешкаш мекунад. Баъди мутолиа мунаққид бо навқалам ҳамсӯҳбат шуда мегӯяд:

— Агар шумо мунаққид мебудед, дар бораи камбудии асаратон чӣ мегуфтед?

Навқалам андешамандона мегӯяд:

— Камбудӣ надорад мегуфтам.

## Кари сунъӣ

Ду шахс байни худ баҳсу мунозира мекарданд, ки гӯё ба кори фурӯшандагӣ фақат карҳои модарзодро қабул мекарданд.

Афандӣ, ки ҳозир будааст, тамоман муқобил баромада гуфтааст:

— Фурӯшандаҳо фақат вақти бақияро пурсидан, «марҳамат бақиятон»-нею «хуш омадед, боз биёед» гуфтан кари сунъӣ мешаванд.

## Барои худам

Аз хасис пурсиданд:

— Чиро бештар дӯст медорӣ?

— Шумурдани пулро,-гуфтааст хасис.

— Набошад ба «хазинаи давлатӣ» ба кор равед, -маслиҳат доданд ба ӯ.

— Барои худам шумурда гирам, -гуфтааст ҳарисона…

## Дар «Чойхонаи Мушфиқӣ»

Марди ришдарозе хост, ки дар «Чойхонаи Мушфиқӣ» латифа гӯяд.

— Бо як шарт, ки агар ҳозирон нахананд, туро аз ришат меовезем, -гуфтанд ба ӯ.

— Хуб, набошад ман баъди ним соат латифа мегӯям.

— Чаро? – пурсиданд аз ӯ.

— Ришамро тарошида биёям, сонӣ…

## Ҳисобашро гум кардам

Падар:

— Ба ту чанд бор гуфтам, ки беодобӣ накун?

Писар:

— Ҳисобашро гум кардам.

## Дар рӯзҳои таътил

Падар:

— Писарам ту кай гирифтани баҳои «ду»-ро бас мекунӣ?

Писар:

— Дар рӯзҳои таътил.

# 3. САҲНАИ ҲАҶВӢ ИБОРАТ АЗ СЕ ҚИСМ

## «ПАНҶ ПАНҶААШ ҲУНАР»

**Иштирокчиёни асосӣ:**

| | | |
|---|---|---|
| **СОҲИБ** | — | қудошавандаи аввал (падари духтар); |
| **ГУЛБУТТА** | — | завҷаи Соҳиб (модари духтар); |
| **ҶОБИР** | — | қудошавандаи дуюм (падари писар); |
| **ҒАЛАТМО** | — | завҷаи Ҷобир (модари писар); |
| **ФАТЕЛАМО** | — | арӯсшаванда (духтари Гулбуттаю Соҳиб); |
| **ШОКИР** | — | домодшаванда (писари Ғалатмою Ҷобир); |
| **САЙФИ СУФӢ** | — | хостгор, муллои гузар, ҳамсояи Ҷобир; |
| **НАЗАРИ ҚАССОБ** | — | хостгор, хамсояи Ҷобир; |
| **МУҚИМИ КӮСА** | — | хостгор, ҳамсояи Ҷобир; |
| **КАРИ САМАРБӢ** | — | завҷаи Муқими Кӯса; |
| **ҲАЛИМИ ҚОҲ-ҚОҲ** | — | хостгор, ҳамсояи Ҷобир; |
| **РАИС** | — | вакили гузар; |
| **САВСАНИ ПУРГӮЙ** | — | ҳамсоязан; |
| **КАРИМИ ҲИСОБ** | — | ҳисобчии маҳалла. |

## Қисми аввал

*(Парда кушода мешавад. Саҳни ҳавлии Соҳиб. Баъди чанд дақиқа ба хонаи ӯ меҳмон меояд).*

СОҲИБ: — Ҳа… Ассалому алайкум, биёед-биёед, меҳмонони азиз! Шукрона мекунем, ки чунин шахсони мӯътабар ба остонаи мо қадам ранҷа намуданд. Нури дида, тоҷи сар!

РАИС: — Воалайкум… Шумо нағз ҳастед, бачу кач, умуман аҳли хонавода…

СОҲИБ: — Шукр-шукр, дам ғанимат. Канӣ, аз боло марҳамат намоед. Ҳолу аҳволи шумо дуруст?…

*(Гузашта мешинанду баъд сухан сар мекунанд).*

РАИС: — Раҳмат-раҳмат, бад не, гаштем болои ду пой шукрона карда. Дар урфият мегӯянд, ки «Духтар калон шуд, бурути падарашро табар намебурад». Мо, яъне ману Ҷобирбой, Карими ҳисоб *(таъбелчӣ)*, Сайфи Сӯфӣ, Ҳалими қоҳ-қоҳ, Муқими кӯса…

ҲАЛИМИ ҚОҲ-ҚОҲ: — Муқими кӯса не, Муқими хушриш гӯед, раисҷон.

РАИС: — *(Камтар ба ғазаб омада)* Гапамро набур Қоҳ-Қоҳ. Бо хӯш гуфтан аз ҷоғи хушкаш риш намерӯяд –ку! Сонӣ ба Соҳиб рӯ оварда: — Мо маслиҳат карда, ба чунин хулоса омадем, ки ҳамин мақоли халқиро дар амал санҷида бинем.

СОҲИБ: *(ҳайрон шуда)* – Чӣ хел месанҷед?

РАИС: — Эҳ, Соҳиб, бисёр соддагӣ накунед. Шумо нағз медонед, ки духтаратон Фателламоҳ ба балоғат расидааст, аз ин сабаб, шумо ҳам ба сафи шахсони бурутошонро табар намебуридагӣ дохилед, акнун фаҳмидед!? Ман як тарафи бурути шуморо дошта меистаму Назари

Қассоб, ана бо ин табар *(ба табари дасти Назари Қассоб ишора карда)* ба бурутатон мезанад. Агар набурад, мақол рост ва агар бурад, дурӯғ аст.

СОҲИБ: *(ба воҳима омада)* – Ё тавба, аз барои савоб, ин корро накунед, ба ҷони аз тан набаромадаам қасам, ки бурути маро табар он тараф истад, қайчии оддии ҳар аттор ҳам мебурад. Мабодо, ки табар ба ҷоғам расаду ҷоғам шиканад, баъд чӣ кор мекунам?

РАИС: — Аз ҷоғи бемаънӣ шикастагиаш беҳтар, бо суханҳои бемаънии каллаи пӯки худ майнаи одамонро гич намекунӣ! Хӯш, гап ҳамин, Соҳиб ё шуморо бо Ҷобир ба як овоз қудо мекунем, ё мақоли халқиро дар амал санҷида мебинем. Исботи ҳақиқат будани мақол вазифаи ҳар яки мост.

СОҲИБ: — Ягон каси дигар ёфт нашуд? Ҳама духтару бурут доранд – ку?

НАЗАРИ ҚАССОБ: *(Дасту остин бар зада шӯхи омез табар дар даст)* – Не, ба ягон каси дигар кори мо не, духтари шумо чор кас медидагӣ, ба замми ин бурутатон ғафс.

СОҲИБ: *(худ ба худ )* – Инқилоб ҳаммаи ҷаллодҳоро несту нобуд карда буд, боз ин қассобаш аз куҷо пайдо шуд ё гандаро гум шуданаш мушкил. Эҳтимол қассоб аз наберaҳои ҷаллодони бухороӣ бошад, чунки аз хунрез танҳо хунрез пайдо мешавад. Афсӯс бо дарди илоҳӣ намурдему аз дасти ин қассоб ҳаром мемурем…

РАИС: — Ҳа, рости гапа гуфтед, Назари Қассоб.

ҶОБИР: — Мо ҳам таърифи бист панҷаааш ҳунар будани духтари шуморо шунида, ба остонаи шумо бо умеди қудо шудан омадем.

РАИС: *(аз як тарафи бурути ғуллии Соҳиб дошта)* – Чиро интизорӣ, Назари Қассоб сар кун!

НАЗАР: *(аллакай аз ҷояш хеста, сулфакунон гулӯ афшонда, табарро ду даста дошта, заданӣ мешавад)* – Хуб шудааст...

СОҲИБ: *(аз ваҳми ҷон ларзида истода)* – Хуб шудааст, бо духтару модараш як маслиҳат кунем, сонӣ... *(ба занаш рӯ оварда)* – Ҳой, занак, канӣ ягон хӯрданӣ биёр, инҳоро ба хурдан овора кун, набошад ҳама ҷаллоду қассоб будаанд! Мабодо аз ҷони ширинам ҷудо накунанд.

ГУЛБУТТА: — Ҳа, ана, оши палав тайёр. Раису Назар занашро дида, ӯро сар медиҳанд, то ин ки табақро гирад. *(зани Соҳиб табақи ошро оварда ба Соҳиб медиҳаду гашта меравад).*

РАИС: — Хайр, биёед ба палав як назар кунем, боз ношукрӣ нагузарад, албатта, маслиҳат бояд пазад. Ҳамту не Соҳиб? *(ҳама бо сарҷунбонӣ тасдиқ карда, ба палавхӯрӣ машғул мешаванд).*

САЙФИ СӮФӢ: — Ҳа, ҳа гуфти шумо шавад.

КАРИМИ ҲИСОБ: — Биринҷаш бозорӣ барин, калон-калону эҳтимол шоликораш кӯса бошад... *(ҳама механданд)*

ҲАЛИМИ ҚОҲ-ҚОҲ: — Э хӯше, хӯшриш гӯед!

НАЗАР: — Аз бебаракатиаш дар манаҳаш риш намерӯяду боз шоликор будааст...

МӮҚИМИ КӮСА: — *(Бо ғазаб палавхӯриро бас карда)*- Қассобу ҷаллод на инсоф доранду на баракат, аз ту қассоб баракат талаб накардем, чунки надорӣ... Шумо каппаришҳо дар байнатон як тунукришро дида наметавонед...

ҲАЛИМ: *(Муқими Кӯсаро тасалло дода)* – Хайр шуд, ҳеҷ гап не, бензини навадусе барин оташ нагиредда…

КАРИМ: — Палавро арӯсшаванда андохта бошад?

НАЗАР: — Не палавро аз ошхона овардагистанд. Малика Гулбутта ҳамон ҷо кор мекунанд. Дар пушти хонаашон ошхонаи колхоз аст.

РАИС: *(оҳистаяк пинҳонӣ аз Ҷобир)* – «Ангура хӯру боғашро напурс» гуфтаанд. Аз беҳунарии арӯсшаванда Ҷобир огоҳ шавад, ҳама кор расво мешавад *(ба ҳозирон ба овози баланд)*. – Ин палави хонагӣ барин, дар ошхона зира намеандозанд…

МУҚИМ: — Аз дасти шумо ғоршикамҳо дар дастурхон хӯрданӣ намонд. Канӣ, Сайфӣ як омин кунед!

САЙФ: — Омин, дар дарбори соҳибин, хӯрдагиамон ҳамин, акнун фикри шабро бин…

ҲАЛИМ: — Офарин, ин фотеҳаи бузургро аз кадом китоб хондед?

САЙФ: — Аз китоби «Нафс-ул-тарбият».

РАИС: — Хайр, биёед рафтем. Соҳиб, мо боз бегоҳӣ хабар мегирем. Маслиҳатро тезтар кунед боз ба миён шайтон надарояд?…

СОҲИБ: — Хуш омадед азизон, бори дигар биёед…

РАИС: — Хуш бошед, шабатон осудаву дар тараддуди кори хайр бошед.

СОҲИБ: — Ҳой, Назари хунхӯр табаратонро гиред!

ҲАЛИМ: — Назари қассоб он қадар хом нест. Ба умеди хӯрдани оши боқимондаи дег табарро қасдан фаромӯш мондааст.

НАЗАР: — Ҳалим, монед ҳамин шӯхиҳои бемаъниятонро. Фардо ман бояд дар ин ҷо гови тӯйиро хун кунам…

Меҳмонон хандакунон баромада мераванд.

СОҲИБ: — Гулбутта, ҳой Гулбутта, канӣ, ин ҷо биё! *(бо овози баланд занашро ҷег мезанад)*.

ГУЛБУТТА: — Ҳа, ана ман, чӣ мегӯӣ?

— О ҳамаро хӯрданд-ку *(дастурхони холиро дида)*.

СОҲИБ: — Як ҳафта боз хӯрок нахӯрда буданд, чӣ бало. Фашар – фушур чунон мехӯрданд, ки ман гуфтам табақу пиёлаҳоро ҳам мехӯранд.

ГУЛБУТТА: — Онҳо чӣ мақсад доштанд?

СОҲИБ: — Ана, мағзи гапро гуфтӣ. Онҳо хостгор, яъне авсақолӣ омада буданд. Бегоҳӣ бояд ҳа ё не гуфтанамон ба онҳо маълум шавад.

ГУЛБУТТА: — Хайр, фикри ту чӣ, ҳа мегӯӣ ё не?

СОҲИБ: — Ба фикри ман вай қудошаванда одами муносиб, аз афташ одами бо обрӯ. Одатан, хостгорҳо бисёртар тугунчаю тӯрхалта гирифта, пиёда ё харсавор мераванд. Инҳо бошанд, мошинсавор омаданд. Ана, як сандуқи қоғазии қанди печаку лучак овардаанд. Ҳама ҳамсояҳо дар ҷунбуҷул шуда, ҷикак – ҷикак доранд. Инҳо куҷо омаданд, кӣ буданд, чӣ мехостанд? Хулоса, ба онҳо ҳа гуфтанамон шарт аст.

ГУЛБУТТА: — Қудошаванда кадомаш буд?

СОҲИБ: — Ҳамон паканаи каппариш.

ГУЛБУТТА: — О… вай ин қадар хурду писараш чӣ қадар бошад?

СОҲИБ: — Эҳ, ба қаду қоматаш чӣ кор дорӣ, як даҳон нонашро ёфта мехӯрад. Вай анборчии анбори хӯрокаҳои ғелаку сервитамини ферма аст. Аз ҳаққи говҳо як килоӣ кунҷора гирад, медонӣ чӣ қадар мешавад, ба вазнаш пул… Ҳафтафаҳм, вай заҳри одам, як аламон…

ГУЛБУТТА: — Витаминаш чӣ?

СОҲИБ: — Ман чӣ медонам, витаминро говҳо мехӯранд, рафта аз онҳо пурс!

*(Фateламо ҳамаи ин баҳсу мунозираро аз хонаи паҳлӯ гӯш мекард. Оҳиста назди волидон баромада, худро ба нодонӣ зада меояд).*

ФАТЕЛАМО: — Ҳа, чӣ ин қадар кабки маст барин баҳс доред?

СОҲИБ: — Духтарам, маслиҳат ҳамин, ману модарат ба хостгорҳо розигӣ доданӣ, ту чӣ?

ФАТЕЛАМО: — *(шармида)* –Хайр, шумо, ки розӣ бошед… *(баромада меравад).*

СОҲИБ: — Як дафтару қалам биёр!

ГУЛБУТТА: — Чӣ, ба мактаб меравӣ?

СОҲИБ: — Не, рӯйхати қалингро тартиб дода, ба онҳо додан лозим.

ГУЛБУТТА: — Қалинг не, ҳозир ҳаққи ширу панир мегӯянд.

СОҲИБ: — Канӣ, аз чӣ сар мекунем, ту дар маъракаю маҷлисҳо иштирок кардаӣ, медонӣ кору кочорро?…

ГУЛБУТТА: — Ман фақат вақти хӯрдан меравам, мехӯраму гашта меоям.

СОҲИБ: — Ҳе, бандаи нафси бад. Рав ба паи корат, барои бегоҳӣ омадани меҳмонон ягон хӯрдании нағз биёр! Ман худам…

*(Баъди рафтани занаш худ ба худ гап зада, ба навиштан сар мекунад:)* –Ман беинсофӣ намекунам, нимбаю нимсот менависаму халос. Не, агар кам нависам, духтараш ягон камбудӣ дорад гуфта, корро даба мекунанд. Аввал аз гов сар кунам ё аз хар, уштур нағз будагист? Хайр, якум гов, якто, не дуто, гусфанд яктогӣ, не ҳашто…

***(Поёни қисми аввал. Парда пӯшида мешавад).***

## Қисми дуюм

*(Парда кушода мешавад. Хонаи Соҳиб. Ҳама паи кори худ ҷунбуҷул дораду Соҳиб навишта истодааст)*

СОҲИБ: — Ҳой, Гулбута як чой гирифта биёр, ҳалқам хушк шуд, навиштан мушкил будааст.

*(Гулбута чой оварда, паҳлӯи Соҳиб нишасту рӯйхати дарози дасти ӯро аз назар гузаронид)*

ГУЛБУТА: — Ин рӯйхат ҷудо дароз. Қудоро тамоман бекафан мекунӣ-ку.

СОҲИБ: — Мо аз кӣ кам, ҳама мегиранд. Ҳаққи ҳалоли худамонро мегирем.

*(Дарвозаро тақ-тақ мекунанд. Соҳиб рафта мекушояду меҳмонҳо даромада меоянд. Нишаста маслиҳат мекунанд).*

РАИС: — Ҳа, Соҳиб, маслиҳат карда шудед?

СОҲИБ: — Бале, Раис, мо ба гуфти шумо кор мекунем. Аз сухани шумо шикастана, гардани шайтон шиканад.

ҲАЛИМ: — Э, қандата зан Соҳиб, гардани шайтонро ту шикастӣ, офарин!

РАИС: — Хуб, набошад, сарфу харҷро аз ҳисоби Ҷобир ба шумо додан лозим. Ту як рӯйхат мекунию ба Ҷобир дар ҳозир будани мо медиҳӣ!

ҶОБИР: — Бале, бале, ба ман медиҳед.

РАИС: — Майлаш, сар кунед!

МУҚИМ: Инҳо ба кори худ машғул шаванд, мо як чиз-ним чиз бошад, хӯрем, зарар надорад…

ҲАЛИМ: — Зарар-ку надорад, лекин набиёранд, хокро мехӯрӣ?

СОҲИБ: — Гулбута, ҳой Гулбута, канӣ биёр, чою нони чаппотиро!

*(Гулбута чою нону ҳар хел хӯрданӣ оварда, ба пеши меҳмонон мегузорад).*

СОҲИБ: — Марҳамат хӯред, ош шавад…

МУҚИМ: — Майлаш, инашро хӯрем, боз оши палав шавад, нағз-куя…

ҲАЛИМ: — «Гӯши кар бифрӯш, дигар гӯш хар, гӯши хар беҳ бувад аз гӯши кар», -гуфтаанд. Хӯред, ҳаминаш насиб кунад, дигараш ош-пош намешавад…

МУҚИМ: — Ош бошад, мехӯрем, пош намедиҳем.

РАИС: — Гиред, шӯрборо хӯреду рӯйхати тӯёнаро гирифта равем!

МУҚИМ: — Не, ман оши палав нахӯрда намеравам.

САЙФ: — Майлаш, майлаш, Бисмиллоҳ-ир-раҳмонир-раҳим, гиред охир. Дафъаи гузашта Соҳиб хостгорҳоро зиёфат доданд, ҳозир қудоро…

КАРИМ: — Бале, бале, хӯрока хӯрем, кор баробар мешавад.

ҶОБИР: — Ҳа, ҳамин хел нағз мешавад.

*(Хӯрокро мехӯранду чой нӯшида истода, аз Соҳиб хоҳиш мекунанд, ки рӯйхати тӯёнаро хонда, баъд ба Ҷобир диҳад, то ки чизҳои навиштаашро биёрад).*

РАИС: — Канӣ, Соҳиб, рӯйхати тӯҳфаҳою ҳадяи тӯёнаро хон, андешаву ихтисор кунем, сонӣ ба Ҷобир медиҳӣ, то ки вай аз паи кораш шавад!

ҶОБИР: — Бале, бале, ба ман медиҳӣ, ман дар бадали се рӯз ҳамаашро бо ду дасти адаб оварда медиҳаму…

ҲАЛИМ: — Медиҳам не, оварда тӯҳфа мекунам!

РАИС: — Хайр монед, ки хонад. Карим, ту ҳисобкарда ист, бинем чӣ қадар пул мешавад!

*(Соҳиб рӯ ба рӯи меҳмонон ба зону нишаста, як қоғази дарозро бароварда, ба хондан сар мекунад).*

СОҲИБ: — Дар ин солу замон, ҳама чиз ёфт мешавад, як чиз-ним чиз гирем, барои харҷи тӯй зарар надорад, ҳама мегиранд-ку!?

— Ҳа, бале, зарар надорад, ҳаққи ҳалолатонро мегиред, -гуфта ҳозирон сар ҷунбонида, тасдиқ мекунанд.

СОҲИБ: — Хӯш, ки бошад меҳмонони мӯҳтарам ва қудои азиз, ман рӯйхатчаро мехонам.

ҲАЛИМ: — Рӯйхатча ҳам ба қади арӯс баробар будагист?!

МУҚИМ: — Дарозтар набошад… *(ҳама механданд).*

РАИС: — Бас акнун, давом деҳ Соҳиб!

СОҲИБ: — Гов, яктогӣ-дуто, гӯсфанду буз ҳамагӣ-ҳашто, сару либос барои арӯс, нӯҳтогӣ-даҳто, яъне навад либос матои нағз, раҳматии модаркалонаш як шапаки кампиронаи дастӣ дӯхташуда…

САЙФ: — Майлаш, кампир пӯшида дар ҳуррони ҷаннат ҷавлон кунад.

ҶОБИР: — Шапакро кӣ бурда медиҳад?

МУҚИМ: — Шумо-дия, баъди ин қадар чизу чора додан хӯрданӣ наёфта, садоиқи садақоти садақа ба шумо як кафан медӯзанду бо шапак ба қиёмат меравед.

РАИС: — Хайр, ки корро ба Назар месупорем, иҷро мекунад…

НАЗАР: — Э, аз даҳонатон шамол барад, ман тӯйи Соҳибу оши соли шуморо нахӯрда, куҷо меравам?

КАРИМ: — Аз мо овардан, бурда додан кори мо не, давом деҳ Соҳиб!

ҲОЗИРОН: — Бале, дуруст мегӯяд, давом диҳед.

СОҲИБ: — Хайр, майлаш, бурдан кори шумо не, давомашро гӯш кунед. Чор халта қанду даҳ халта орди аъло, як халта носи кӯлобӣ.

РАИС: — О, як халта носро чӣ кор мекунед? Як шиша-ним шиша бас будагист?

СОҲИБ: — Ҳозир ҳама носкаш, рӯзи тӯй мардум кашида, кайф кунанд.. Ҳозираш ҳамин, акнун аз шумо як хоҳиш дорам. Ҳамин чизу чораро ба якчанд маркаб бор кунеду бо се-чор саги газанда корвон карда биёред. Моро авлодамон бозургон гузаштааст, бо ин коратон рӯҳи падару бобои моро шод мекунед... *(Ашки чашмонашро пок карда)*.

РАИС: — Соҳиббой, шумо сагу харро ҳам дар қалинг мегиред?

СОҲИБ: — Ҳамин чизҳои ҳаром ҳам кирои гап шуд...

ҶОБИР: — Хуб шудааст, Соҳиббой, аз шумо як ишора, аз мо ба сар давидан *(дастҳо пеши бар таъзим карда)*.

РАИС: — Ҳозирааш ҳамин гуфта, чӣ мехоҳед боз? Соҳиб, рӯйхат тамом шуд ё давом дорад? *(бовиқор нигоҳ карда)*.

СОҲИБ: — Ҳа, тамому мондагиашро худамон, яъне ману Ҷобирбой ҳал мекунем. Ҳамту не, Ҷобирбой!

ҶОБИР: — Ҳа, майлаш... *(сар ҷунбонида)*.

РАИС: — Карим, куҷо шудӣ, хобӣ ё бедор, мурдаӣ ё зинда канӣ ҳисоб кун!

КАРИМ: *(Карим бо сари хам ҳисобкунон)* –Ҳа лаббай, ҳозир… сифр-карат, сифр-сифр, нол-карат, сифр ҳам сифр мешудааст, сабил монад…

МУҚИМ: — Ё тавба, охирзамон шудагӣ, чӣ бало, ки қалингро бо сифр ҳисоб мекунанд.

ҲАЛИМ: *(Қоҳ-қоҳ хандида)* –Чӣ хел шифр? *(ба сӯи Муқим нигоҳ карда).*

МУҚИМ: — О намешунавӣ, шифр-карат, шифр-карат мегӯяд Карим-ку?!

ҲАЛИМ: — Ҳой, кари пакар, шифр не, сифр, яъне нол-карат мегӯяд…

МУҚИМ: Яъне, ҳисобу китоби калон нол шуд…

ҲАЛИМ: — Не, ҳоло каме сабр кун, канӣ Карим чӣ мегӯяд!…

РАИС: — Бас кунед, канӣ, Карим чӣ мегӯӣ?

КАРИМ: *(аз ҷой ҷунбида истода, тез-тез ба Ҷобир нигоҳ карда, ба гуфтан сар мекунад)* –Ҳозирини мӯҳтарам, ман ҳисобу китоб кардаму гӯям-нагӯям, боз ба бало намонам… Хеле бисёр шуд…

РАИС: — Гӯед, канӣ шунавем, боз маслиҳат мекунем, мебинем, ки Ҷобир мебардорад ё не.

ҶОБИР: *(Ғоз додани сухангӯии Каримро шунида, ранги рӯяш канда, сафед шуда, тарс гулӯгираш карда истода)* –Майлаш, Карим бигӯед, ҳеҷ гап не, ман медиҳам, ҳар чӣ гӯянд…

КАРИМ: *(Карим бурутҳои борики боронзада-баринашро сила карда истода, ҳисоби кардаашро ба фаҳмонидан огоз кард)* –Панҷуним ҳазор бо пули нав, бо пули кӯҳна панҷоҳу панҷ ҳазор, бо пули кӯҳнатараш… *(гуфта буд, ки чашмони Ҷобир сафед шуда, забонаш ба*

*лабаш овезон гардиду аз даҳонаш кафк баромада пуштнокӣ хобида, дасту поча зад).*

РАИС: *(Бо овози баланд)* – Бас кунед, Карим, нарху навои наву кӯҳнаат аз сарат монад! Соҳиб кам мекунам гӯед, хайр нисфашро мегирам гӯед, набошад, Ҷобирро «приступленияш» гирифтааст, мемураду дар хунаш зомин мешавӣ!…

СОҲИБ: — Хайр майлаш, ман розӣ. Ин беҷигар хун ҳам надораду боз ба бало намонам.

САЙФ: — Аз барои худо, Соҳиббой, дар урфият ва мувофиқи шариъат ҳам мегӯянд, ки «Бардорад – зам кун, набардорад – кам кун!» Акнун ҷои камкунӣ омадааст, кам кунед…

*(Аҳволи Ҷобир бад мешавад, яке обро ба сараш пошед, дигаре сарашро бандед гуфта, шӯру-валвала барпо мешавад).*

МУҚИМ: — *(Саросема нашуда, ба бастани сари Ҷобир машғул мешавад).* –Ана сарашро бастам, худо хоҳад, аҷал гурехта меравад…

ҲАЛИМ: *(Ба пасту баланд шудани шиками Ҷобир нигариста, қоҳ-қоҳ зада механдаду мегӯяд)*: — Кӯса буданашро медонистаму кӯр буданашро акнун фаҳмидам… Ҳой, кӯри расво, манаҳашро бастӣ-ку!

*(Ҳама ба Ҷобир нигоҳ карда механданд).*

САЙФ: *(Худ ба худ ғур-ғуркунон)* –Ҳӯй, беинсофе, арзон намекунад.

СОҲИБ: — Ин ҷо бозори гов не, ин савдои умр аст.

МУҚИМ: — Ҳе, инсоф барвақт мурд, гӯру чӯб шуд!?

РАИС: — Хайр, охири охирон далолбозор шуд-ку! Ҳой, Ҷобир, мард бош, ҳушёр шав, канӣ, маслиҳатро давом диҳем!

ҶОБИР: *(Манаҳашро кушода истода, оби ба рӯяш пошидаро пок мекунаду)* –Ё тавба, аз мурдани ман чӣ фоида. Ин Муқими Кӯсаи бетавфиқ ба мурдани мо розӣ будааст-ку.

САЙФ: — Чӣ хел, чӣ фоида? Ин мурдахӯр аз хайроти ту эртишу пули бисёр гирифтанӣ…

ҶОБИР: — Э, заҳри баданат шавад, эртишхӯру пули хайротхӯре…

МУҚИМ: — Муред, мурдан гиред, ман роҳи мурданро банд кардагӣ не…

РАИС: — Аз мурдани Ҷобир як чиз-ним чиз ба зиндагонии одамони рӯи замин мерасад. Лекин аз мурдани ту, кӯсаи хушку холӣ, ба ҳеҷ кас чизе нарасад…

ҶОБИР: — Аз даҳони раисаш ҳам боди дӯзах меояду аз саисаш ҳам *(Ғазаболуд).*

ҲАЛИМ: — Раиси мӯҳтарам, хушриш гӯед, ҳамин Муқими дӯсти моя хафа накунед.

*(Ҳама завққунон механданд).*

РАИС: *(Ҳозиронро аз ханда нигоҳ доштанӣ шуда)* — Бас, бас кунед охир, шумо ин ҷо хандакунӣ омадед ё барои маслиҳати тӯй!? Канӣ, Карим, чӣ қадар пул мешавад?

КАРИМ: — Панҷуним ҳазор, раисҷон, яъне панҷ миллиони нав-дия.

ҶОБИР: — О, камтар намекунед *(Пешонаашро молида).*

ҲАЛИМ: — Ҳамаи анборро фурӯхта медиҳеду як кунҷаки дорулахлоқро иҷора мегиред-дия.

ҶОБИР: — Ҳе, аз даҳонатон шамол барад. Ман куҷо шуда, аз озодӣ маҳрум шавам?

САЙФ: — Соҳиббой, канӣ, як ҳиммат кунед, о қудо шуда ин Ҷобирро аз ҳама маҳрум накунед.

СОҲИБ: — Хуб шудааст, тақсир, ҳар чизе, ки шумо гӯед, ман розӣ мешавам.

РАИС: — Аз рӯйхати шумо гуфтагӣ, яктогиашро кам мекунему халос, об ба лаби ҷӯй баробар шуда мемонад. Баъд шумо сагу хару уштурро корвон карда биёред мегӯед, ин чӣ хел мешавад? Ҳозир шукр, ки замони нав, ин қадар техникаю мошинро мо лӯлиёни саҳрогард барин корвон карда биёем, ҳама моро масхара карда механданд.

*(Ҳа-ҳа, ҳамин хел мешавад, гуфта, ҳозирон раисро тарафдорӣ карда, сари тасдиқ меҷунбонанд, раис суханашро давом медиҳад).*

РАИС: — Ягон трактори пахтачинӣ ё «калёсний» ёфта бор карда меорем.

МУҚИМ: — Кали Илёсро биёрем, раис?

СОҲИБ: — О, вай, кали худобехабарро чӣ кор мекунед?

ҲАЛИМ: — Кали Илёс не, «калёсний» трактор, трактори чархдори боркашро дар назар дорад, Муқимҷони мо. Акнун, як деги палав бошад, хурему…

*(Назар-қассоб ба девор такя карда, хобаш бурдааст. Баногоҳ каме ҳушёр шуда:)*

НАЗАР: — Шакар мехӯрем, хайрият, як сол боз шакарро аз дур надидем, аз номи мо ба шакар салом гӯед…

РАИС: — Соҳиббой, гап ҳамин, қалини гуфтагиатонро оварда медиҳанд, тӯй мекунед.

СОҲИБ: — Хуб шудааст, ман розӣ *(худ ба худ: фақат шумо тезтар баромада равед, ҷонам аз шумо аёрон халос шавад, шуд)*

МУҚИМ: — Мо тӯйхӯр, тезтар шавад, боз беҳтар.

ҲАЛИМ: — Ҳова, худо ҳарчи гирифтааст туро дар кор, дар хӯрдан ҳеҷ камбудӣ надорӣ, фақат дар фикри хӯрданӣ…

РАИС: — Назар-қассоб шакар гуфту ба ёдам омад. Соҳиббой, ҳамин қанду шакара зовуташ вайрон шудагӣ, чӣ бало тамоман нест, ҳаминҳоро тамоман ихтисор мекунем!

*(Ҳозирон ҳама, нест-нест гӯён сар чунбонида, тасдиқ мекунанд, гуфтаи раисро).*

ҶОБИР: — Ҳа бале, Соҳиб дар ҳақиқат ҳамин чизҳо дар ягон ҷо ёфт намешаванд, набошад мо шири мурғро ҳам ёфта барои шумо мебиёрем.

РАИС: — Ёфташудагиашро оварда медиҳанду шумо тӯйро ташкил карда мегузаронед. Духтаратон Фателаморо рухсат медиҳед. Шумо розӣ-мӣ, бо ҳамин ба охир расонем. *(Ба ҳозирон рӯ оварда мепурсад, ҳама розӣ буданашонро изҳор мекунанду)* –Кани Сӯфӣ як омин кунед, ки дигар хоки поямон ин ҷоро набинад.

СОҲИБ: — Кошкӣ … *(оҳиста мегӯяд).*

САЙФ: — Омин ё расулъоламин, хурдагиамон ҳамин, мондагиаш рӯзи тӯй…

*(Барои омин гуфтани Сайфи Сӯфӣ даст ба дуо мебаранду хайру хушкунон баромада меравand).*

СОҲИБ: — Хуш омадед… *(Аз шодӣ саросема шуда).* «Дуртар ба дида, тоҷ бесар»…

ГУЛБУТА: — Ин қадар маслиҳатро рӯдаи уштур барин дароз кардед, дадош?

СОҲИБ: — Ҳа, ҳамин хел дароз мешавад, тӯйкунӣ осон набудааст, онеш, инҳо аз магас ҳам хира будаанд, то тӯй накунем, аз инҳо халосӣ нест. *(Бо дабдаба сухан гуфта).*

ГУЛБУТА: — Хайр, ҳамаи навиштагиҳои рӯйхатро диҳанд, тӯй мекунем, ҳеч гап не.

СОҲИБ: — Аз куҷо медиҳанд. Инаш нест, ваяш бисёр, ҳамаашро нимбаю нимсот медиҳанд.

ГУЛБУТА: — Не, ин хел бошад, намешавад, ман розӣ не!

*(Фателамо, ки гуфтугӯи падару модарашро шунида истода буд, нозу карашмакунон меояд).*

ФАТЕЛАМО: — Ман ҳам розӣ не, баъд маро усал мекунанд, ки туро бо нархи «бева» фурӯхта, тӯй карданд.

СОҲИБ: — Ҳӯй, аблаҳони нофаҳм, чизҳо набошанд, аз куҷо мегиранд, ҳозир ҳамин хел, ҳама чиз камчин. Хуб, гап ҳамин, анҷоми гуфтагиро биёранд, тӯй мекунем, тамом вассалом *(бо сиёсат мегӯянд ӯ).*

ГУЛБУТА: — Ақалан, як халта шакару... *(Гуфта буд, ки Соҳиб ғазаболуд аз ҷой бархеста)*

СОҲИБ: — Эҳе, як халта! Ақалан даҳ килограмм биёранд, шуд. Ях халта биёранд, ман ҳардуятонро ба онҳо медиҳаму ҷонам халос. *(Баромада рафтанӣ шуда мегӯяд)* Тамом, бархезеду пайи коратон шавед!

ГУЛБУТА: — Ҳеҷ гап не, насибу тақдир ҳамин будааст, духтарам.

ФАТЕЛАМО: — О, ин чӣ хел мешавад, модарҷон, маро механданд.

ГУЛБУТА: — Ҳеҷ кас намехандад, ҳама ҳамин хел...

***(Поёни қисми дуюм. Парда пӯшида мешавад).***

## Қисми сеюм

*(Парда кушода мешавад. Саҳни ҳавлии Ҷобир. Як ҳафта баъди тӯй офтоб кайҳо баромадагӣ. Зани Ҷобир ашӯлакунон ҳавлӣ рӯфта истодааст. Ҳамсоязани гову молашро ба подаҷо бурда истода овози ӯро шунида, мегӯяд)*

САВСАНИ ПУРГӮЙ: — Ғалатмо, ҳӯй Ғалатмо, худо бигира ту муаллимаи ашӯларо, пода рафт, ҳай кун сияҳпочаҳоятро, чор гапа занем-кӯ…

ҒАЛАТМОҲ:- Ҳозир тамом шуд, ту пургӯй ҳеҷ аз гапи дунё сер нашудаӣ, боз ягон хабари дигар ёфтӣ?

САВСАНИ ПУРГӮЙ: — Ҳова, охӣ биё, ба ту ҳам гӯям, тезтар ҳай кун, ана, боз Кари Самарбӣ имрӯз ҳам пеш аз ту молҳоша ҳай кард…

ҒАЛАТМО: — Ту алошақ-шақи кӯча набошӣ, ҳамаро хоб мебараду молҳо дар оғилхона мемонанд.

*(Молҳояшонро ба подаҷо мебаранду сӯҳбаткунон меоянд).*

САВСАНИ ПУРГӮЙ: — Монед, радио гуфт, ки дар дарёи Ванҷ ов киштиро чаппа кардааст, чанд моҳигир бедарак гум шудай.

ҒАЛАТМО: — Хуб шуданд. Ҳамин моҳиро бисёр қимат мефурӯшанд. Беинсофӣ, ки карданд, ҷазошона диданд.

САВСАНИ ПУРГӮЙ:- Имшаб дар телевизори мо заводи равғана нишон доданд. Худора шукр, ки гардон шудай, равған мешава.

ҒАЛАТМО: — Кори дигар надорем, қайза мекунем, қароқчиворӣ телевизор тамошо мекунему…

КАРИ САМАРБӢ: — Ё тавба, и заводи равған боз вайрон шудай? Имсол чакраи равғана намебинем, чи бало?

САВСАНИ ПУРГӮЙ: — Э, беваи кар, доим дар фикри вайроний? Хайр, соз шидай, гардон шидай, равған мешава, мезани равғанаву рӯдаҳои қоқат мулоим мешаваду гӯшҳоят ба кор медароянд…

(Баланд-баланд гап зада мефаҳмонанду, биё Самарбӣ рафта дар хонаи Ғалатмо як пиёлаги чой нӯшем, сонӣ меравем аз паи корамон гуфта, ҳарсе ба ҳавлии Ҷобирбой медароянд).

САВСАНИ ПУРГӮЙ: — Ҳа, Ғалатмо, ҳар рӯз ами дашти худора ҷорӯб мезанӣ, ё камтараша бурӯй намешава, и арӯс дар куҷо боша… *(Ба долон омада аз дари кушода ба хона нигоҳ мекунаду арӯсро дар хоб дида)* О, ина арӯс ҳоли ай хобаш нахестааст, кай мехеза, чой мекунад. Биё, рафтем Самарбӣ, хомхоб нашава, ай хоб сер кунад.

ҒАЛАТМО: — Биёед, бишинед, ман худам чой мекунам, ин қадар саросема шудед, садқаи ҳамин қувваи барқ шавам, оташдонаш дар Нораку об дар хонаи мо меҷӯшад.

КАРИ САМАРБӢ: — Савсанҷон ай Норак чой меора, дар ин хонааш чой намондааст, ки…

*(Савсани пургӯй ба болои қолини таги долон гузашта, як болишт ба ҷои такя мекардагии худаш гузошта мешинаду бо дасташ Кари Самарбиро ишора карда, биё ин ҷо шин, тап-тап ба кӯрпача зада истода).*

САВСАН: — Уф, кани чойро дам кун, Ғалатмо, як пиёла нӯшему ба ин кари худобехабар фаҳмонам, ки гулӯям хушк шуда рафт.

ҒАЛАТМО: — Офарин, ба гулӯи ту. *(Дастурхонро паҳн карда истода).* Лекин ин хел нагӯй, кар дӯсти худо аст.

САВСАН: — Худо ҳам аз ин хел дӯст безор... *(рӯ сӯи Самарбӣ).*

Оташдонаш дар Норак, чой ҳамин ҷо *(овозашро баланд карда, шишаи овезонро нишон дода).*

САМАРБӢ: — Хайр, фаҳмидам акнун...*(нонро шикаста истода)*

САВСАН:- Ҳа, ана ҳамин хел фатири ғафс бошад, ки шикаста хӯрӣ, дарав мефаҳмӣ. Набошад...

ҒАЛАТМО:- О, биёр-ку як майда қаймоқу маска, мурдем охӣ, чанд нони қоқ мехӯрему чой.

ҒАЛАТМО: — Ай куҷо биёрам, говҳоямон ширашон қоқ шудагӣ.

САВСАН: — Аз дасти шавҳарат дар анбор на сабӯс мондаасту на кунҷора, боз қаймоқу маска нест.

ҒАЛАТМО:- Мана, гиру хӯр, аз ту халосӣ нест, даъвогар.

САМАРБӢ: — Хайрияте, бо баҳонаи шолӣ курмак ҳам об мехӯрад... *(маска хӯрда истода).*

САВСАН: — Ита мефораш, бевараe... Охӣ, ин ҳафта на сарупобинонай, на гаҳворабандон, намедонам чӣ кор мекунем.

ҒАЛАТМО: — Ин ҳафта хобат намебарад, одами зиёфат хурдагию гаштагӣ. Саиди бодпо ба хонаи Акобири лангак авсақолӣ рафтай-ку...

САВСАН: — Даракашро дорам, розӣ нашуданд. Гулбону духтари Акобири лангак гуфтагӣ, ки ман Исмони чапаргӯшаки бачаи Саиди бодпоро намегирам, ӯ тракторчияй, бӯи равғани солярка мекунад.

ҒАЛАТМО: — Ин хабарҳоро ту аз куҷо меёбӣ, ман ҳайрон.

САМАРБӢ:- Овозаи Бағдодро аз кӯри даруни хона пурсу аз арӯси зери чодар, гуфтаанд…

САВСАН: — Оҳо, калам заду кӯрам зад, пасмонда кӯлӯхам зад, ин беваи карак ҳам, маро гап зад. Ман як бор гузари боло ба об равам, тамоми хабарҳои қишлоқро меёбам.

ҒАЛАТМО: — Гулбону аз куҷо фаҳмидагӣ, ки Исмони чапаргӯшак бӯи солярка мекардааст?

САВСАН: — Ҳе, соддае… биёр, як майда қаймоқ, ман хӯраму ба шумо фаҳмонам. Дандонҳоям мерезанд аз гуфтана, як коса маска катӣ хабарҳоро ба шумо гӯям?

ҒАЛАТМО: — Майлаш, ҳозир деги шир ҷӯш меояд, аловаш сӯхта истодааст, дар аловхона намебинӣ?

САВСАН: — О, падари худаш тракторчӣ, надидаӣ аз нохуни пой то тори сар дар равғани соляркаю салидол гӯмай…

*(Ғалатмо як коса қаймоқи болои шири дегро оварда мемонд. Ҳар се мехӯранд, баъд давом медиҳанд)*

САМАРБӢ: — Як хел тракторчияш тозаакай-ку!

САВСАН: — Ӯ тозаакаш ба ҳар кас намерасад…

САМАРБӢ: — Мерай, хонаи ҳамсоя? Мезанӣ, қаймоқу маска!

САВСАН: — Баъзе вақт ҳамин Самарбӣ як суханҳое мегӯяд, ки «гов мегардонад», одамро.

*(Фateламо аз ин паҳлӯ ба он паҳлӯ гашта, сонитар мехезад. Ин ҳаракатҳои ӯро Савсан дида)*

САВСАН: — Ҳамин арӯс имрӯз аз хоб намехезад. Ғалатмо, биёр камтар оби хунук ба рӯяш пошем, ҳушёр шуда хезад, нимрӯзӣ шуд, кай мехезаду кор мекунад.

ҒАЛАТМО: — Ёш-дия, одами ёш серхоб мешавад, ман худам ҳастам-ку…

САВСАН: — Дар бистуду рафтааст, кай калон мешаваду аз ёшӣ мебарояд?…

*(Фateламо аз хоб хеста хамёзакунон, назди оинаи барқади калон истода, ғур-ғуркунон).*

ФАТЕЛАМО: — Ду бева аз мардакҳои як қишлоқ бисёр гап мезанад, ба ҳама кор доранде. Не завод мемонаду на хостгору зангир, ба ҳама кор доранд, беваҳои шикампуркун.

САМАРБӢ: — О, чӣ кор дорӣ, дар бистуду рафтааст – дар бистусе рафтааст, кор мекунад, намекунад, ба ту чӣ, боз бо хушдоманаш ҷанг андозӣ?

САВСАН: — Ҳай-ҳай, акнун ин қадар муҳобот накунед, аз ҷанҷоли инҳо ба ман чӣ фоида!?

САМАРБӢ: — Чӣ хел чӣ фоида, овозаро боз ба гузари боло мебарию то бегоҳӣ намеоӣ.

САВСАН: — Э мон, акнун ҳамин гапҳои беҳудаатро, ягон кас надонад, рост хаёл мекунад.

*(Фateламо дасту рӯяшро шуста омада, паҳлӯи хушдоманаш нишаста, чой менӯшаду ба сӯҳбати онҳо гӯш медиҳад).*

САВСАН: — Арӯс, номи муборакатон чӣ аст?

ФАТЕЛАМО: — Фateламо аст, номам (каме шармида).

САМАРБӢ: — Ба номи хушдоманат хеле мувофиқ омадааст, Фатeламоюю Ғалатмо, апаю хоҳар барин.

САВСАН: — Шунидед, Марями духтари Бурҳони чӯлоқ ба шавҳар мебаромаду боз норозӣ шудааст.

ҒАЛАТМО: — Боз чӣ шудааст, бечора пирдухтар шуд, дар сиюду рафта нав бахташ кушода шуду…

САМАРБӢ: — Мария шавҳар кард? Хайрияте, ба ҷон омадем аз тамокуниро, ҷонамон халос шуд.

САВСАН: — Марияи кино не, Марями духтари Бӯрҳони чӯлоқ.

ҒАЛАТМО: — Давомашро гӯй, канӣ фаҳмем, чаро кор даба шуд.

САВСАН: — Мурғи зани Бурҳони чӯлоқ памидорҳои зани Бозори носфурӯшро хӯрдааст. Вай мурғат аз сарат монад гуфтааст, маҳкамашкун охи, туро тухм мефорад, маро памидор гуфта, зада чашми мурғро кӯр кардааст. Баъд ҷанҷол карданд. Ман Марямро ба Шоҳқайроқи бачаи Бозори носфурӯш намедиҳам, гуфтааст.

ҒАЛАТМО: — Бачааш, бачаи хубай-ку!

САВСАН: — Хок хубай. Бангияй, нос мекашад, дар даҳонаш як дандон нест, даҳонаш лонаи муш барин, духтарам ҳайф мешавад, гуфтааст.

САМАРБӢ: — Даҳони ӯ бачаро аз куҷо дидааст?

САВСАН: — Ҳамсояашро намебинад? Ҳар рӯз мебинад!

*(Аз куча ҷег задани овози мардона шунида мешавад).*

— Ғалатмо, ҳой Ғалатмо, шақ-шақабонуи мо ҳамин ҷо нест, бигӯй омада як пиёла чой кунад, ними рӯз шуд, подаро обхӯрӣ хамбониданд…

ҒАЛАТМО: — Ҳа лаббай, ҳамин ҷо-ҳамин ҷо, ҳозир меояд.

САВСАН: — Ин беваи туро нав даҳмарда мебарад… Офарин ту Самарбӣ, шавҳарат доим дар хона қаравул барин, аз мо ба кор мераванду меоянд. Намехеста бошад? (баланд гап зада). Бархез равем, ӯ пирхари ҷорӯбриши шавҳарат ҷеғ зада истодааст, Самарбӣ!

САМАРБӢ: — Илоҳи рӯяшро мурдашӯй бинад, рӯзам надод, як соат нишаста, осуда дам гирам.

САВСАН: — Ту нав осудагӣ мекунӣ, хез рафтем, чор соат шуд.

ҒАЛАТМО: — Савсан, ту бишин, куҷо меравӣ, ӯро ҷеғ зада истодааст.

САВСАН: — Эҳе, ман дер кардам, занакҳои гузари боло дар лаби об ҷамъ шудаанд, рафта чор гап занем.

ФАТЕЛАМО: — Хуш омадед, хуш омадед, боз биёед…

САВСАН: — Хуш бошед, хайр Ғалатмо.

*(баромада мераваду Фateламою Ғалатмо мемонад).*

ҒАЛАТМО: — Арӯс, ту ягон хӯрок тайёр кун, ман оғилҳоро тоза кунам, баъд ҳезум мекашонем.

ФАТЕЛАМО: — Хуб майлаш, лекин намедонам чӣ пазам?

ҒАЛАТМО: — Ҳар чизе бошад, дирӯза барин набошад шуд.

ҶОБИР: — Ғалатмо, канӣ як чой дам карда биёр, кор бисёр, монда шудем.

ҒАЛАТМО: — Чӣ хел кор мекунед, мо нав ноништаи саҳари хӯрдему шумо аллакай аз кор омадед, боз монда

ҳам шудед. Ҳоло соат се нашудаст, Фателамо, барои амакат як чой дам кун!

ҶОБИР: — Гурусна ба соат чӣ кор дорад?

ФАТЕЛАМО: — Дар як дақиқа чанд кор мефармоед, маро…

ҒАЛАТМО: — Майлаш, ту хӯрокатро паз, ман худам мекунаму сонӣ меравам.

ҶОБИР: — «Ҳафт қаландар дар зери як чодир ҷой мегирад, вале ду подшоҳ дар як мулк намеғунҷанд», - гуфтагӣ барин шумо соз намегиред, чӣ бало?

МУҚИМ: — Ҷобирбой, ҳо Ҷобирбой, ҳаминҷо ҳастед ё не?

ҶОБИР: — Ҳа ҳамин ҷо, биёед-биёед, як дами беғам занем. Чӣ хел шумо, нағз ҳастед? Оҳо, тоза ҳам кайф кардед, хурӯси гузар – дия, кор набошад, гирди занакҳо чарх зада, дунёра хӯрдед…

МУҚИМ: — Бале, дунёро мо хӯрдем лекин шиками шумо халтаи чакка барин овезон шудагӣ, гардан мисли гардани буққа.

ҶОБИР: — Эҳ, Муқимбой-Муқимбой, медонӣ ҳамин Собири самбӯсафурӯш чӣ гуфт? Марде, ки ду зан надошта бошад, чӣ мард аст.

МУҚИМ: — Чӣ туро ҳавас кард, ду зан гирифтанӣ?

ҶОБИР: — Басе, Кӯсаи бетавфиқ, Ғалатмо шунавад, ба бало мемонем,

МУҚИМ: — Зан нагирифта ин қадар метарсед, агар зан гиред, аз тарс дар каду азон мегӯӣ.

ҶОБИР: — Боз ашӯлакунон: ду зан дорӣ, чӣ ғам дорӣ, мегӯяд.

МУҚИМ: — Ду зан дорӣ, ғами дунё дорӣ. Инаш ба умед, ки он ҷой ваяш ба умед, ки ин ҷой. Мабодо дарягон чоҳ афтида мурӣ, мурдаатро зоғон мехӯранд…

ҶОБИР: — Ҳе, Кӯсаи дӯзахӣ, фақат дар фикри мурданӣ мой.

МУҚИМ: — Аз ҳардуи мо дида ту ба дӯзах наздиктарӣ, чунки ту ба сафи золимони замона дохил мешавӣ, бар зами ин, гуноҳат ҷудо вазнин.

ҶОБИР: — Мо тифл гаштагӣ-тифл, аз ҷой мехезаму боди саҳро барин равон мешавам, чунки дар вуҷудам ягон зарра гуноҳ нест.

МУҚИМ: — Эҳе, гуноҳи шуморо ба уштур бор кунам, миёнаш мешиканад, ҳам ба ҷазо меарзаду ҳам ба қазо.

ҶОБИР: — О, ту чӣ кори савоб мекунӣ, ки маро ин қадар гунаҳкори нопок мешуморӣ?

МУҚИМ: — Ман як бор-нимбор сар ба саҷдаи илоҳӣ мениҳам, аммо ту…

ҶОБИР: — Намозҳое, ки ту мехонӣ, ҳамон марди содда барин.

МУҚИМ: — Боз кадом марди содда барин, намоз мехондаам?

ҶОБИР: — Як марди содда доим дар масҷид намоз мехондаасту баъди намоз худо як харам бидеҳ, мегуфтааст. Шахсе аз кори ӯ огоҳ шуда, дар зери меҳроб пинҳон мешаваду намедиҳам, мегӯяд. Марди содда бошад, пурқаҳр шуда, эҳе мегӯяд, ман ҳам намозҳое хондам, ки…

МУҚИМ: — Ман аз он соддаҳои барои хар намоз мехондагӣ не,

ФАТЕЛАМО: — Чойникро ба ман деҳ амак, чой дам кунам.

МУҚИМ: — Не, ҷиян бас аст, вақти намоз шуд, ман меравам. Хайр, Ҷобирбой, хуш бошед…

ҶОБИР: — Хайр хуш омадӣ, ягон гапро ба дил нагирӣ!

МУҚИМ: — Не, ман хафа намешаваму ту ҳам ба дил нагир.

ҒАЛАТМО: — Фателамо, биё духтарам, ҳезумро кашонда барем, пои ман дард карда истодааст. Ин қадар кор бисёр, ҳеҷ аз кор намебароӣ.

ФАТЕЛАМО: — Не, ман намекашонам, поям дард мекунад.

ҒАЛАТМО: — Чӣ хел дард мекунад, ту ҷавон, нав вақти ғурури корат, дард ба гирди ту намегардад. Ман дар синну соли ту ин хел корҳоро кор намегуфтам.

ФАТЕЛАМО: — Ҳа, ана ҳамин хел дар синну соли ман кор кардаӣ, ки пойҳоят дард мекунад. Лекин ман намехоҳам, ки дар синну соли ту поям дард кунад.

ҒАЛАТМО: — Ё тавба, ту аз бачаи зоғ гузарондӣ.

ФАТЕЛАМО: — Кадом зоғ? Ман чӣ хел гузаронидам?

ҒАЛАТМО: — Зоғ як вақтҳо ба бачааш насиҳат кардааст: агар дидӣ, ки одамзод ба замин хам шуд, парвоз кун, набошад санг гирифта, туро мезанад. Одамизод дар бағалаш санг дошта бошад чӣ? –гуфтааст бачаи зоғ ба модараш…

ФАТЕЛАМО: Зоғбача хеле доно будааст.

ҒАЛАТМО: — Не духтарам, донояш пеши ту ҳеҷ. Панҷ панҷаат ҳунару доноият ҳам як ҳунари дигар…

*(Ҳамин вақт ба хона Шокир ворид шуда, ҳоли модарро дида).*

ШОКИР: — Оча, о барои чӣ худат танҳо кашонда истодаӣ. Фателамо канӣ?

ҒАЛАТМО: — Уф, дар тақдири ман танҳо кашондан будааст. Ҳозир ҳамин ҷо буд, эҳтимол молу говҳоро ба оғилхона ҷой карда истода бошад, ман тамом кардам. Ту рафта дасту рӯятро шӯй, ҳозир вақти хӯроки шом мешавад, якҷоя хӯрок мехӯрем.

ШОКИР: — Не, ман ба ту ёрдам мекунам, сонӣ рафта мешӯям.

ҒАЛАТМО: — Илоҳи баракат ёбӣ, писарам, нав аз кор омадию боз ба ман ёрӣ мекунӣ.

ШОКИР: — Ин он қадар кори мушкил нест, кирои гуфтан намекунад.

ҒАЛАТМО: — Фателамо, молу говро ҷой кардӣ?

ФАТЕЛАМО: — Ҳа ҳамаашро ҷо ба ҷо кардам.

ҒАЛАТМО: — Набошад рав, говҳоро ҷӯшида биё, ман хеле монда шудам, аз ҷоям ҷунбида наметавонам.

ФАТЕЛАМО: — Не, ман дар умрам гов ҷӯшидагӣ не, бар зимми ин, шир ризқи гӯсола аст, ман дар ризқи гӯсола худамро зомин намекунам.

ҒАЛАТМО: — Хӯрокатро рафта гарм кун, ман худам… Ё тавба, ин дар куҷо калон шуда бошад, шохаш мондагӣ аз гарданаш бастааст, хайрият, худам омадам, набошад гулӯгир шуда мемурд.

ҶОБИР: — Ғалатмо, куҷо гум шудӣ, биёр-ку, як бурда нон хӯрем, хуфтан шуд, кӯҳ меканед?!

ҒАЛАТМО: — Ҳозир, ширамро полида, соф кунам… Шокирҷон дастони падаратро об гир!

ШОКИР: — Худат ҳам биё, якҷоя хӯрем, бисёр бомазза будааст.

ҒАЛАТМО: — Не, шумо хӯред, ман ин ҷо ҳамроҳи Фателамо, баъдтар мехӯрам, бисёр монда шудам.

ШОКИР: — Оча, нав хӯрокпазиро ёд гирифтаӣ, ки ин хӯрокат пасмондаи ба модагов медодагӣ барин-ку… Биё, бар инро, як коса ҷурғот биёр!

ҶОБИР: — Як қошуқ маскааш наандохтӣ, то ки шикамат қӯр-қӯр накунад.

ҒАЛАТМО: — Шикамҳои шумо чӣ бало дорад, ки қӯр-қӯр мекунад. Мардум дӯғи холиро мехӯраду наменолад, аммо барои шумо равғану маска набошад, нашуд…

ҶОБИР: — Хайр шуд, як гап гуфтем-да, ту ҳам як соат лексия накун!

ҒАЛАТМО: — Ин хӯрокро чӣ хел пӯхтӣ, духтарам, ин хеле бомазза.

ФАТЕЛАМО: — Обро ба дег рехтаму картошкаю пиёзу кадуро тоза карда, бо равған андохтаму ҷӯшонидам. Баъд камтар гӯшт илова кардам, соус шуд.

ҒАЛАТМО: — Худо бигирад ин хел сабусавқота, о пиёзу картошкаро аввал андохта, зирбонда, сонӣ об рехта, ҷӯшонидан даркор.

ФАТЕЛАМО: — Э, ман чӣ медонам, мо аз ҷои кори модарам-ошхонаи пушти хонаамон хӯрок оварда мехӯрдем.

ҒАЛАТМО: — Афсӯс, агар аз ошхона таъом хӯрда бошӣ, таъомпазиро ба ту ёд додан мушкил мешавад.

ҶОБИР: — Ғалатмо, ҷойгаҳро соз кун, вақти хоб шуд, афсонагӯиро барои келинат бас кун.

ҒАЛАТМО: — Санг кашидед, ки хоб мекунед, ҳоло «хоби ширин хурдтаракон» нагуфтааст.

ШОКИР: — Хоби ширин калонтаракон ҳам мегӯяд?

ҶОБИР: — Майлаш, ман хоб мекунаму ту радио гӯш кун, Савсани пургӯй барин хабарҳои радио дилатро бурд? Биё-биё, хоб равем, Савсан пагоҳ ҳамаашро омада, як ба як ба ту мегӯяд, ғам нахӯр!

ҒАЛАТМО: — Ту бандаи хӯру хоб, ҳеҷ сер нашудӣ аз хоб… Ба умеди ошноҳоят, як келин овардаӣ, ки ягон ҳунар надорад, говро баста наметавонад…

ҶОБИР: — Мо одамони ба обрӯю ҷамъ карда, одами панҷ панҷааш ҳунарро хостгорӣ карда овардему боз говро баста наметавонистааст. Хайр, ту зиндагиро омӯзон, наметавонад гуфта, ҳар рӯз ҷанҷол мекунед?

ҒАЛАТМО: — Ман муаллимаи зиндагиомӯз нестам. Гуфта будам, ки биё ягон духтари ҳамсояро келин кунем, гуфтӣ, ки «оби дами дар лой, бинни духтари ҳамсоя ифлос». Ҳайфи молу матои ба қудо додаам.

ҶОБИР: — Тақдирамон бад будааст, оби рехтаро ҷамъ карда намешавад, фақат тарбия кардан лозим. Хайр шуд, хоб кардан даркор, фардо боз кор.

*(Субҳидам, ҳавлии Ҷобир, ҳама аз паи кори худ. Фателамо аз хоб хеста мебинад, ки хушдоманаш монанди дирӯза хам шуда, сурудхонон ҳавлиро ҷорӯб зада истодааст).*

ҒАЛАТМО: — «Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам,

Ки бо ман харчи кард, он ошно кард…»

ФАТЕЛАМО: — Ба ман деҳ ҷорӯбро, ҷорӯбро ин хел намекунанд, сари сиёҳатро дар кучо сафед кардӣ!

ҒАЛАТМО: — Хайрияте, ақлат даромадааст, худоро шукр…

*(Фателамо ҷорӯбро гирифта, як ҷои басташудаи дастаашро мекушояду як чӯби таёқ барин дарозро ба ҷои кушодашуда мехалонаду боз маҳкам баста, ба Ғалатмо медиҳад).*

ФАТЕЛАМО: — Маҳ, гир, ана ин хел ҷорӯб мекунанд, рост истода мерӯбед, миёндард намешавед!

ҒАЛАТМО: — Ақлат нағз даромада будааст, оҳо, ин як бало будаст-ку. Ин хел як ҳафта ҷорӯб занӣ, монда намешавӣ… Фателамо, рав ба деги шир, оташ сар деҳ!

*(Фателамо аз паи иҷрои сухани хушдоманаш мешавад, вале муддати шадиде нагузашта, бо тарс садо мебарорад).*

ФАТЕЛАМО: — Хола, биё, ки шир меравад… тезтар биё!

ҒАЛАТМО: — Ё тавба, шир аз даруни дег куҷо меравад… эҳ, мабодо сар зада бошад… Эҳе, ин ҳамааш сар рафтааст-ку! Эҳ, войе, ҳаму кафлезро пур карда, баланд-баланд боз ба дег мерехтӣ, ин хел намешуд. Чӣ дар хонаатон шир напухтаӣ?

ФАТЕЛАМО: — Мо аз магазин шири пухтагӣ мехаридем.

*(Баногоҳ Савсан вориди ҳавлӣ мешавад).*

САВСАН: — Ғалатмо, чӣ гап, ин қадар маслиҳат дорӣ, ширҳоят пой бароварданд, чӣ бало, шир меравад гуфта истода буд, келинат?

ҒАЛАТМО: — Не, шир сар рафта, тамоман ба оташдон рехтааст, арӯс нафаҳмида, оташро баланд мондааст. Биё шин, ҳеҷ гап не, биё як коса шир биёрамат.

САВСАН: — Хайр, майлаш, биёр канӣ, боз ношукрӣ нашавад. Оҳо, ин ҷорӯбро чӯб бастай-ку. Ин ҳилларо кӣ ёд дод? Бева дар дами охир ҳиллагар шудаӣ.

ҒАЛАТМО: — Ин ҳиллаи хуб будааст, миёнат дард намекунад, инро Фателамо соз карда дод.

САВСАН: — Ҳиллагар будаасте, бисёр келини хуб ёфтӣ.

ҒАЛАТМО: — Хок хуб аст, ягон ҳунар надорад, на шир пӯхта метавонад на хӯрок…

САВСАН: — Ба ту сад бор гуфтам, биё аз ҳамин духтарҳои ҳамсоя келин гир, о ҳамин духтари Қутбидини бангӣ чӣ кор карда буд, ё Гулзираи духтари кӯри Зарнигор! Онҳо ҳамин келини туро пӯштора карда, гирди деҳа мегардонданду ӯф намегӯянд.

ҒАЛАТМО: — Насиб будааст, худкардаро даво нест.

САВСАН: — Арӯс даруни ҳота, пахта бимон гӯшҳота. Мо гуфтем гапҳота, корҳои ҳаром-ҳалолта. Биё-биё арӯс, холаат хабарҳоро ба ту гӯяд.

ФАТЕЛАМО: — Шинед-шинед, куҷо пеши ман мехезед. Маро якбора гунаҳкор накунед, ман аз ҳамин поён мешинам, гӯй хабарҳоро шунавем, холаҷон.

САВСАН: — Ҳамин шаб соатҳои дувоздаҳ хабарҳои охиринро гӯш кардам. Як ҳодисаҳое шудааст, ки мӯи баданат сихҳои чайра барин рост мехезад.

— Хайр, гӯш кунед; як автобус дар роҳи Душанбе ба фалокат дучор шуда, одамонаш фавтиданд; як чархбол ба

кӯҳ бархӯрда таркидаасту ҳашт кас мурдааст; дарёи Ёхсӯ обхезӣ карда, ду қишлоқро об зер кардааст; як тайёра дар баҳри Касбӣ ба об рафтааст; дар Афғонистон байни гурӯҳҳои мухолифин ҷанг шудааст; дар Арманистон заминҷунбӣ шуда, се шаҳр валангор шудааст; дар Фарғонаи Ӯзбекистон хонаҳои туркҳои масхетиро оташ заданду худашонро куштанд… Дигар гӯш накардам, маро хоб зер кард, радиоро хомӯш карда, хоб рафтам.

ҒАЛАТМО: — Ҳе, радиоят аз сарат монаде, хайрият хомӯшаш кардаи, набошад, дунё вайрон мешуд.

ФАТЕЛАМО: — Баҳри Касбӣ не, баҳри Каспий будагист?

САВСАН: — Намедонам, Касбӣ гуфт ё Каспий ба ёдам намонд, лекин арӯс, ту ҳиллаи ҷорӯбро нағз медонистаӣ, мо ҳаминро нафаҳмида, аз миёндард набаромадем.

ФАТЕЛАМО: — Ҳа хола, фаҳмидан даркор, ҳар кор тоб дорад, осиёб нов дорад, гуфтанд.

САВСАН: — Арӯс ин қадар замбӯрмасалҳои хушрӯй медонистаст, Ғалатмо.

ҒАЛАТМО: — Кошкӣ, ҳамин замбӯрмасалҳо замбӯр барин неш зананду фоидаашро ҳама фаҳманд.

САВСАН: — Кошкӣ-кошкӣ, Ғалатмоҷон, хайр ман рафтам.

ҒАЛАТМО: — Хайр набошад, ман ҳам либосҳоро шустанам лозим, либоси чиркин бисёр шудааст. Биё, Фателамо об гарм кун, дер шуд, тамом карда наметавонем, офтоб рафт!

ФАТЕЛАМО: — Чӣ бало либосшӯи аст, як рӯз бекор намемонӣ, ки камтар истироҳат кунӣ…

ҒАЛАТМО: — Зиндагӣ ҳамин хел духтарам, либос мешӯи, мол мепоӣ, осудагиро намебинӣ, агар кор накунӣ, намешавад. Биё, кани сар кунем.

ФАТЕЛАМО: — Не, ман либос намешӯям, об мебиёраму тамом, либос шӯям ҳинои дастам меравад.

ҒАЛАТМО: — Майлаш, ту об биёр, ман мешӯям, сазои сарам ҳамин, тақдир будасту аз хотири писарам чизе гуфта наметавонам, вагарна намегузорам, ки қадамат ҳавлиро ҳаром кунад.

САВСАН: — Ғалатмо, арӯс куҷост, худат танҳо либос шуста истодаӣ, бемор шудааст чӣ?

ҒАЛАТМО: — Э, не, саломат аст, анҷом он қадар бисёр нест, худам мешӯям… афсус, хотири писарам набошад…Уф, лаънат ба касе, ки духтари «панҷ панҷааш ҳунар»-ро келин мекунад… Бачаи қошқаламқошам ҳайф шуд…

*(Парда пӯшида мешавад. Поёни қисми сеюм. Бо ҳамин саҳна ба сомон мерасад).*



# МУНДАРИЧА

Аз муаллиф ........ 3

## 1. ҲИКОЁТ

1. Тӯппии гулдӯзӣ ........ 4
2. Ҳасорати модар ........ 8
3. Шукрона ........ 18
4. Давоми умр ........ 26
5. Бангӣ ........ 36

## 2. ЛАТИФАҲОИ ШИНГИЛАДОР

6. «Сафари қиёмат» ........ 40
7. Шишаи холӣ ........ 40
8. Хайрият ........ 40
9. Феъли соҳибашро дорад ........ 41
10. Чӣ фарқ дорад? ........ 41
11. Шодӣ мекунад ........ 41
12. Камбудӣ надорад ........ 42
13. Кари сунъӣ ........ 42
14. Барои худам ........ 42
15. Дар «Чойхонаи Мушфиқӣ» ........ 43
16. Ҳисобашро гум кардам ........ 43
17. Дар рӯзҳои таътил ........ 43

## 3. САҲНАИ ҲАҶВӢ ИБОРАТ АЗ СЕ ҚИСМ «ПАНҶ ПАНҶААШ ҲУНАР»

18. Қисми аввал ........ 45
19. Қисми дуюм ........ 52
20. Қисми сеюм ........ 62

*Абдураҳмон Саидов*

**СЕҲРИ ХОМА**

Муҳаррир *Ҳалимов Назрулло*
Муҳаррири техникӣ ***Ояҳмад Давлатов***
Ҳуруфчини ***Усмони Хушвахт***
Нақшбандии ***Ҷумъахони Иброҳим***

Ба матбаа 16.01.2006 супорида шуд. Ба чопаш 16.02.2006 имзо шуд. Андозаи 70x100$^{1}/_{32}$. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,5. Адади нашр 200 нусха.